ҚИРҒИЗИСТОН БОЗ БЕСАРНИШИНИ ТУРКӢ ХАРИД с.4

ЧАРО ТОҶИКОН ДАР УКРАИНА МЕҶАНГАНД? с.5

МАСҶИДЕ, КИ БАРҚ МЕФУРӮШАД с.10

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№45 (1504)
09.11.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

ТИЛЛОИ ТЕМУР РАҲИМОВ ВА ТУҲФАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



КӢ МАНФИАТДОР?

Аз камчинӣ то болоравии нархи газ

с.4

ФОҶЕА

Падар духтари 11-солаашро кушт

с.6

ЛИМИТИ БАРҚ

Кай дар Тоҷикистон барҳам мехӯрад?

с.7

ПИСАРИ РАИСУ ПРОКУРОР

Чанд мансабдор фарзандашро ба Артиш фиристод?

с.5

ШАВКАТ РАҲИМОВ

Қаҳрамони ҷаҳон дар IBF

с.9

АСРОРИ №16

Қасри Арбоб чӣ гуна бунёд шуд?

с.10

СОФИЯ БАДАЛБОЕВА

Достони зиндагии духтари Барно Исҳоқова

с.11

КАНЗИ ШИФО

Гайморитро тиби халқӣ муолиҷа мекунад?

с.13

ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, чомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ШАҲБОЗ ШАРИФ

Дар Миср мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Покистон Шаҳбоз Шариф сурат гирифт.

Мулоқоти ду ҷониб дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Миср дар ҳошияи Иҷлосияи бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим баргузор гардид.

Тибқи иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, дар ҷараёни суҳбат масоили ҳамкории Тоҷикистону Покистон дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои бонуфузи олам, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Моҳи сентябр низ Эмомалӣ Раҳмон ва Шаҳбоз Шариф дар ҳошияи нишасти сарони Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар шаҳри Самарқанд мулоқот доштанд. Мавзӯи аслии музокироти раҳбарони кишварҳо он замон равобити дуҷониба ва ҳамчунин вазъи Афғонистон буд. Дар мулоқот ҷонибҳо рочеъ ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ, бахусус вазъи кунунии Афғонистон табодули афкор карда буданд.



Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳамоиши байналмилалӣ дар масоили тағйирёбии иқлим дар Миср

ДАР КӮШОНИЁН БА ОМӮЗГОРОН ЗАМИН МЕДИҲАНД

Дар ноҳияи Кӯшониён барои бунёди хона ба 30 омӯзгор замин медиҳанд. Ин ташаббус барои ҳавасмандӣ ва дастгирии омӯзгорон будааст.

Ин иқдом дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёз барои омӯзгорони ҷавон» мебошад. Вале ба омӯзгороне замин дода мешавад, ки нишондиҳандаи хуб дошта бошанд. Ҳамчунин, фаъолияташон назаррасу омӯзгори намунавӣ бошанд.

Яке аз ҳадафҳои асосӣ - ин ҳавасмандсозии онҳо буда ва ба ин восита мусоидат дар беҳтар шудани сифати таҳсилот аст.

Бояд гуфт, ки ин аллакай дувумин ҳавасмандсозии омӯзгорон аст. Чанде пеш дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон ҳам 30 омӯзгор бо замин барои бунёди хона таъмин шуда буданд.

ФАЪОЛИЯТИ МАКТАБҲОИ РУСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ШУД

Дар Душанбе масъалаи рушди мактабҳое, ки дар Тоҷикистон забони таҳсилашон русӣ аст, баррасӣ шуд.

Ин масъала дар мулоқоти муовини вазири маорифи Русия Денис Грибов ва муовини аввали вазири маориф ва илми Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода баррасӣ гардид.

Масъулини ин идораҳои давлатӣ масъалаҳои баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорони 5 мактаби нав, инчунин ҷалби хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои русиро баррасӣ намуданд.

"Чунин вохӯриҳо барои ҳамоҳангсозии барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таълим муҳим мебошанд ва мо таҷрибаи якдигарро меомӯзем",- шарҳ додааст Денис Грибов.

Ёдовар мешавем, ки 1-уми сентябри соли 2022 дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Турсунзода 5 муассисаи таълимӣ ифтитоҳ ёфт. Дар ин мактабҳо дарсҳо бо забони русӣ мегузаранд ва барои таҳсили хонандаҳо аз Русия муаллимон ҷалб карда шудаанд.

НИГАРОНИИ ПРЕЗИДЕНТ

Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисоди Тоҷикистон садҳо миллион доллар хисорот ворид мекунанд.

Ин нуктаро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳамоиши байналмилалӣ дар масоили тағйирёбии иқлим дар Миср баён дошт.

Ба таъкиди Сарвари давлат, офатҳо дар Тоҷикистон дар бисёр ҳолат боиси талафоти ҷонӣ мегарданд. Тоҷикистон бо 93%-и ҳудуди кухсораш дар баробари тағйирёбии иқлим хеле осебпазир мебошад.

"Хушксоливу обхезиҳои бесобиқаи соли равон дар ҷаҳон ва аз он ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ бори дигар собит намуданд, ки тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад",- таъкид намуд Эмомалӣ Раҳмон.

Ба гуфтаи ӯ, Ҳукумати Тоҷикистон Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030 ва як қатор санадҳои дигарро қабул намуда, дар ин самт чораандешӣ дорад.

САРИ САБЗ



Коинот СӮФИЕВ, директори Коллеҷи тиббии ноҳияи Б. Ғафуров

- Рафти супоридани санҷишҳои марҳилавӣ пурра электронӣ гардидааст. Инчунин, коллеҷ дорои хобгоҳ мебошад, ки дар он барои 80 нафар духтарон шароити хуби зист муҳайё гардонида шудааст.

- Барои писарон чӣ, устод? Ё писарон ҳамаашон хонаҳои шахсии худро доранд?



Нозим МЕЛИКОВ, коргардони номвари тоҷик

- Барои намоиши хуб маблағи хуб лозим аст, вале, мутаассифона, аз ин ҷиҳат театри тоҷик хеле танқисӣ мекашад, ҳунарманди тоҷик дар ба дари вазорату идораҳо мегардад.

- Хайр, ба ҷои онҳо сабзиву картошкапарварон даводав намекунанд ку! Ба ҳар ҳол, шарҳи ин иддаоятонро як бор аз вазири фарҳанг пурсидан даркор.



Муҳаммад АЛӢ, роҳбалад, омӯзгор, навозанда ва иқтисодчӣ

- Ман мисли мардуми хоричӣ даромади солонаамро ҳисоб мекунам. Ин анъана дар кишварҳои ғарбӣ хеле маъмул аст ва бартариятҳои зиёд дорад.

- Шумо ки чанд вазифаву даромади зиёд доред, ҳисоб мекунед. Мо чиро ҳисоб кунем? Бартарияти асосиаш ҳам ҳамин.

КӢ МАНФИАТДОР?

Аз камчинӣ то болоравии нархи газ

Нархи гази моеъ дар Тоҷикистон боз боло рафт. Як литр газ аз 6 сомонии як ҳафта пеш ҳоло дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ аз 7 сомонӣ ҳам гузашт. Ин омил ба арзиши роҳкиро аз Душанбе ба минтақаҳои дигар таъсир расонд. Зеро бештар аз 70 фоизи мошинҳои сабукрав барои камхарҷ будан, бо гази моеъ мегарданд.



МУСОФИРОН ДАР АЗОБУ РОНАНДАГОН НИГАРОН

Мусофирон шиква доранд, ки ҳоло тақрибан 10-15 фоиз нархи роҳкиро боло рафтааст. Нуралӣ мусофирест, ки ҳамарӯза аз нақлиёти мусофирбар истифода мебарад. Номбурда ҳар рӯз аз шаҳри Турсунзода ба Душанбе ба кор меояд. Ӯ мегӯяд, ки агар як ҳафта пеш роҳкиро 20-25 сомонӣ буд, имрӯз ба 30 сомонӣ расидааст. Зеро ронандагон бо далели болоравии нархи газ роҳкироро боло бурдаанд.

Ҳоло дар кишвар як литр гази моеъ вобаста ба минтақаҳо аз 7 то 8 сомонӣ арзиш дорад. Чаҳор рӯз қабл имкон дошт, ки як литри онро 6,2- 6,5 сомонӣ пур кунанд.

Хабарнигори "Тоҷикистон" дар шаҳри Бохтар ҳам мегӯяд, ки нархи 1 литр гази моеъ дар манотиқи вилояти Хатлон ба 8 сомонӣ расидааст.

Аммо дар шаҳри Хуҷанд нархи газ қариб бетағйир мондааст. Дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ронандагон 1 литр гази моеъро бо қимати 6,30-6,50 сомонӣ харидорӣ мекунанд. Аҷиб, дар Душанбе гарон, дар Бохтар гаронтар, дар Хуҷанд арзиши газ бетағйир.

Хушбахтона, дар пайи қимати газ роҳкиро дар таксиву автобусҳои хатсайри байнишаҳрӣ то ҳол боло нарафтааст.

Имрӯз ронандагон мегӯянд, ки на танҳо болоравии нарх, балки камбуди маводи сӯхт низ мушоҳида мешавад. Дар бархе аз нуқтаҳои сӯзишворӣ мо мушоҳида кардем, ки лавҳаи «газ нест» овезон аст.

Воқеан ҳам, тайи чор - панҷ рӯзи охир фурӯши гази моеъ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории Душанбе ва ҳатто дар Бохтар низ тамоман қатъ шуда буд.

АЗ ВОРИДОТ ТО МАҲДУДИЯТ

Хабарнигори "Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон изҳор дошт, ки дар баъзе ҷодаҳои Бохтар ҳамагӣ чанд нуқтаи фурӯши сӯзишвории газ мавҷуд буд. Он ҳам ба миқдори маҳдуд фурӯхта мешавад. Масалан, дар баъзе минтақаҳо ба ҳар як ронанда на бештар аз 20 литр мефурӯшанд, то ки барои ҳар як нафари дар навбат истода газ расад. Кормандони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ бар ин назаранд, ки болоравии қимати гази моеъ ба ҳаҷми харидорӣ ва интиқоли сӯзишворӣ ба кишвар рабт дорад, ҳарчанд дар бораи ҳаҷм рақами мушаххас гуфта натавонистанд.

Ба гуфтаи яке аз мудирони нуқтаи фурӯши маводи сӯзишворӣ, аксари ширкатҳои яклухтфурӯш ба далели арзону номусоид будан, аз интиқоли гази моеъ ба ширкатҳои чакана даст кашидаанд.

Таври маълум, Тоҷикистон маводи сӯхтро асосан аз Русия ва Қазоқистон ворид мекунад. Дар миёни ширкатҳое, ки дар ин самт фаъолият доранд, ширкатҳои "Газпром", "Сеганҷ", "Газойл", "Суғднефт", "Роҳи Сомон" мавқеи калидӣ доранд. Тоҷикистон 90 дарсад гази моеъи мавриди ниёзи худро аз тариқи роҳи оҳан аз Қазоқистон ворид мекунад. Вале болоравии нархи газ дар ҳамин шабу рӯз ронандагонро нигарон аз он кардааст, ки боз ҳам аз будаш боло наравад. Зеро дар Тоҷикистон анъанае шудааст, ки агар талабот зиёд шуд, ҳатман нарх боло меравад. Қариб як ҳафта дар нуқтаҳои фурӯш газ набуд ва мошинҳо дар навбат меистоданд. Миёни ронандагон ҳам овоза буд, ки шояд гурухе ба ин манфиатдор буданд.

Ширкатҳои воридоту ниҳодҳои танзими бозор дар ин бора чӣ назар дошта бошанд?

У. РАҲИМЗОДА

ИМТИҲОНИ ДИРЕКТОРОН

Оё онҳо 400 калимаи англисиву русӣ медонанд?

9-уми ноябр дар Тоҷикистон санҷиш ё аттестатсияи ғайринавбатии директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардид. Санҷиши мазкур бо супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар аз ҷониби Вазорати маориф ва илм то 30-юми декабр гузаронида мешавад.

Санҷиши мазкур ҷиҳати муайян намудани дараҷаи тахассус, маҳорати касбӣ ва ба вазифаҳои ишғолкарда мувофиқат намудани директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад.

"Аттестатсия аз ҷониби 9 гуруҳи босалоҳият зери роҳбарии вазири маориф, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм баргузор мегардад. Инчунин, тибқи фармоиш сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо, сардорони раёсат, мудирони шуъбаҳо ва бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ уҳдадор шудаанд, ки тавсияномаҳои аттестатсияшавандагонро таҳия ва то баргузории аттестатсия ба комиссия пешниҳод намоянд",- гуфта мешавад дар ин хабар.

Бояд гуфт, комиссияи аттестатсионӣ вазифадор шудааст, ки аттестатсияро бо риояи талаботи Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намуда, аз натиҷааш протокол ва ҳисобот омода намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Донистани 400 калима бо забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм омода шудаанд, яке аз шартҳои аттестатсия мебошад.

Ҳамчунин, дар назар аст, ки зимни санҷиш дар мавриди ихтисоси дошtаи директор, фанҳои ҳуқуқу таърих ва дигар саволҳое, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ ва кор бо кӯдакон рабт дорад, пурсида шавад.

МАВҚЕЪ



УСМОН РАҲИМЗОДА

ПОЯИ ДАВЛАТ НАБОШАД БЕ МАОРИФ УСТУВОР!

Аз кор ба хона баргаштам. Пас аз чанд лаҳзаи истироҳат духтарчаам Тайиба, ки дар синфи 2-юм мехонад, китобу дафтарашро ба наздам, барои дарстайёркунӣ оварда. Баъд аз иҷрои пурраи супоришҳои мактабӣ ва хониши бадеӣ аз ман пурсид:

- Дада, дирӯз мо бо муаллима ба театр рафтем. Намоиш хеле писанд омад. Боз мехоҳам, ки равам.

- Офарин!

- Як чиро нафаҳмидам,- гуфта, дафтарашро ба ман дароз кард, ки дар он чунин навишта шудааст: "Пояи давлат набошад бе маориф устувор!".

- Дуруст навиштаӣ. Акнун пайи аз худ кардани луғатҳои англисӣ шав,- гуфтаму дафтарро дароз кардам.

Аммо нигоҳ кардам, ки каме ба фикр фурӯ рафта, мехоҳад маънои ин навиштаро донад.

Аз Тайиба пурсидам, ки инро дар куҷо хондаву навиштааст?

- Вақте ки ба театр мерафтем, назарам ба ин ҷумла афтод. Маънояшро нафаҳмидам. Барои ҳамин навиштам, ки аз шумо пурсам.

Ба ӯ бо забони сода фаҳмонидам: доштани одобу ахлоқи намунавӣ, эҳтироми калонсолон вазифаи мост. Дар мактаб ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ набояд баланд гап занем. Ҳамеша ба дарсҳои мактаб омода будан лозим аст. Яъне мактаб макони дониш ва тарбия аст. Мактаб барои инсони комил шудани мо нақш дорад. Кӯшиш намоем, ки бо забони адабӣ ҳарф занем...

Ӯ хеле бодиққат ин суханонро гӯш мекард. Ва чун шарҳамро тамом кардам, маро саволборон кард:

- Барои чӣ дар мактаб баъзе хонандагон бо муаллим гуфтори дуруст надоранду ба ҷойи "шумо", "ту" мегӯянд? Боз дар кӯча бачаҳо ҳамдигарро дашном медиҳанд, бо ҳам занозанӣ мекунанд. Шумо мегӯед, ки бо забони адабӣ гап занем. Лекин дигарҳо бо лаҳҷа ҳарф мезананд-ку!...

(Давомаш дар саҳ.6)

ХУРСАНДИИ ТОШИЕВ

Қирғизистон боз бесарнишинҳои туркӣ харидааст

Қирғизистон аз Туркия паҳпод ё ҳавопаймои бесарнишини “Аксунгур” харидааст. Дар ин бора як мансабдори баландпояи ин кишвар хабар додааст, вале шумораи онҳоро ошкор накардааст.



Қамчибек Тошиев, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон рӯзи 2-юми ноябр дар саҳифааш дар “Фейсбук” навишт, ки “акнун “Аксунгур” ҳам аз мост”.

Хадамоти марзбонии Қирғизистон соли 2021 аз Туркия ҳавопаймои бесарнишини “Байрактар ТБ-2” (Байрақдор) харида буд.

Ҳукумати Қирғизистон моҳи октябри соли гузашта барои навсозии таҷҳизоти низомӣ, бахусус харидани бесарнишинҳо аз Русия ва Туркия 100 миллион доллар ҷудо кард.

Мақомоти ин кишвари ҳамсояи Тоҷикистон гуфта буданд, ки бесарнишинҳо барои таъмини амнияти дифоӣ ва муҳофизати сарҳад истифода хоҳанд шуд, вале Қирғизистон корҳои хориҷии Тоҷикистон батакрор аз корбурди паҳпод ё бесарнишинҳои тавлиди Туркия зидди аҳолии осоишта ва иншооти мулкии кишвари худ дар марз хабар додаанд. Тарафи Қирғизистон ин маълумотро рад ё тасдиқ накардааст.

Тоҷикистону Қирғизистон солҳо боз барои таъин ва нишонагузории марз ҷанҷол доранд. Аз тақрибан ҳазор километр сарҳади ду кишвар бахше аз он номуайян аст. Дар даргирии рӯзҳои 14-17-уми сентябри имсол аз ду тараф даҳҳо кас кушта ва садҳо нафар захмӣ шуданд.

Мақомоти амниятӣ ва ақдшиканӣ карда, моҳи сентябри сол равон бо бесарнишинҳо ба хоки Тоҷикистон ҳамла кард.

РЕКОРДИ МУҲОҶИРОН ДАР РУСИЯ

Маълумоти “Росстат” нишон медиҳад, ки дар давоми ҳашт моҳи соли 2022 шумори рекордии муҳоҷирони корӣ Русияро тарк кардаанд.

Тибқи иттилои расмӣ, аз моҳи январ то августи имсол ба Русия наздики 444 ҳазор муҳоҷир ворид шуда, беш аз 506 ҳазор нафар он кишварро тарк кардаанд.

Аз ин миён 62,5 ҳазор нафар муҳоҷирони корӣ ҳастанд.

ТО $10 ҲАЗОР. САБУКИИ МИРЗИЁЕВ БА ЗАРГАРОН

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба хотири рушди соҳаи саноати ин кишвар як қатор чораҳоро барои дастгирии бахши заргарӣ эълом кардааст.

Аз ҷумла, ба шахсони воқеӣ иҷозат дода шуд, ки ба маблағи то 10 ҳазор доллари амрикоӣ ҷавоҳиротро ба хориҷ аз ин кишвар баранд.

Ҳамчунин, сангҳои қиматбаҳо ва ороишие, ки заргарон истифода мебаранд, аз 1-уми декабри имсол аз пардохти боҷи гумрукӣ озод шудаанд.

Талаби иҷозатнома барои воридот ва содироти муваққатии тилло, нуқра ва ашёи дигари хом барои сохтани ҷавоҳирот низ бекор карда мешавад.

Ҳаҷми бозори заргарии дохилии Ӯзбекистон 300 миллион доллар арзёбӣ карда мешавад.





МУЛЛО УМАР БА ҶОЙИ АҲМАДШОҲ МАСЪУД

Толибон қабри Қаҳрамони миллиро тахриб карданд

Рӯзи ҷумъаи ҳафтаи гузашта, 4-уми ноябр "BBC Persian" бо нашри наворе аз мақбараи Аҳмадшоҳ Масъуд дар Панҷшер хабар дод, ки онро хароб кардаанд. Манбае, ки наворро ирсол кардааст, ба ин расона гуфтааст: “Неруҳои Толибон* вориди мақбараи Аҳмадшоҳ Масъуд шуда, санги мақбараашро шикастанд".

Ин рафтори хашини Толибон вокуниши тунди пайравони Аҳмадшоҳ Масъудро ба бор оварда ва онҳо аз Толибон* талаб карданд, ки нафари тахрибкор боздошт, муаррифӣ ва муҷозот карда шавад.

Ин маротиба, аввал нест, ки Толибон бо мақбараи Қаҳрамони миллии Афғонистон ситеза мекунанд. Қаблан, вақте ба тозагӣ қудратро дар ин кишвар ғасб карданд ва барои ҷанг ба Панҷшер омаданд, низ мақбараи Аҳмадшоҳи Масъудро хароб карда буданд.

Дар ҳамин ҳол, хабаргузории “Aamajnews” иттилоъ медиҳад, ки Толибон мақбараи Мулло Умар, бунёдгузори ин гуруҳро рӯнамоӣ кардаанд.

Ба иттилои ин расона, Аҳмадуллоҳ Васиқ, раиси радио ва телевизиони миллии Афғонистон таҳти идораи Толибон рӯзи якшанбе, 6-уми ноябр бо нашри тасовире аз як мақбарае гуфтааст, ки ин оромгоҳи раҳбари пешини Толибон аст.

Қаблан ҳукумати собиқи Афғонистон эълом карда буд, ки Мулло Умар дар ҳамлаи соли 2013 дар Покистон кушта шудааст. То ҳол касе дар хусуси макони дафни Мулло Умар ҳеҷ хабаре надошт.

** Толибон - гуруҳи террористии фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон*

Эрдуғон:

БО ПУТИН БАҲС НАКУНЕД!

Президенти Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон сиёсатмадорони ҷаҳонро танқид кард. Ба гуфтаи ӯ, бархӯрди онҳо бо раҳбари Русия Владимир Путин нодуруст аст. Ӯ дар ин бора зимни мусоҳиба бо шабакаи телевизионии A Haber изҳор дошт.



Вай гуфт, ки чанде пеш дар Прага дар саммити Иттиҳодияи сиёсии Аврупо ширкат варзид ва дар он ҷо бо ҳамкасбон мулоқот кард. Вай ба онҳо хато будани чунин бархӯрдро нисбат ба Русия фаҳмонд.

"Агар шумо ба як давлате мисли Русия бархӯрдҳои нодуруст нишон диҳед, Путин худро ба ҳайси раҳбар муаррифӣ хоҳад кард, на руҳафтодашуда. Русия яке аз муътабартарин кишварҳои ҷаҳон аст. Бинобар ин, бо Путин баҳс накунед”,- таъкид кард Эрдуғон.

Вай ҳамчунин афзуд, ки раисиҷумҳури Русия он гуна сиёсатмадор нест, ки "таҳти фишор болояш як қадам ба ақиб гузорад".

Ҳамин тариқ, раҳбарони ҷаҳон оҳиста-оҳиста мавқеи худро нисбат ба Путин тағйир медиҳанд.

Яке аз онҳо, ба гуфтаи Эрдуғон, Олаф Шолтс, садри аъзами Олмон буд. "Як моҳ пеш вай нисбат ба Путин мавзеъгирии комилан дигарро ишғол карда буд ва ҳоло бархӯрди худ ба Русияро тағйир дода, ба зарурати пайдо кардани забони муштарак таъкид кардааст",- мегӯяд Эрдуғон.

ИМА ЗЕЛЕНСКИЙРО МАҶБУР МЕКУНАД?

Нашрияи The National Interest пешниҳод кардааст, ки ИМА бояд ба ташкили музокироти Русия ва Украина барои хатми низоъ мусоидат кунад.

Нашрия менависад, ки барои оғози музокироти Украина бо Русия яке аз кишварҳо бояд ба раисиҷумҳури худ фишор орад. “Маҳз Вашингтон қодир аст ба Киев фишор орад, то музокиротро бо Маскав идома диҳад. Давлатҳо ва муттаҳидони онҳо бояд Зеленскийро мутақоид гардонанд, ки музокиротро барои хотима додан ба ҷангҳои давомдор оғоз кунад”,- менависад нашрия.

Ҳанӯз Кохи Сафед дар ин маврид вокуниш накардааст.

Санаи 7-уми ноябр дар шаҳри Тамбови Русия ҷасади Руслан Муллохоловро ба хок супориданд. Номбурда тоҷики навбатиест, ки дар амалиёти вижаи низомии Русия дар Украина кушта шудааст...



Руслан Муллохолов бо ҳамсар ва духтараш

ҚУРБОНИИ ҶАНГИ БЕГОНА

Чаро тоҷикон дар Украина меҷанганд?

АНДОВАЧИЕ, КИ ТИРАНДОЗ ШУД

Пойгоҳи tvolk.ru дар бораи дафни Руслан Муллохолов хабаре нашр карда, ҳамчунин дар бораи ӯ маълумот додааст.

Руслан Муллохолов 24-уми сентябри соли равон дар наздикии шаҳри Купянски вилояти Харков ҷароҳати вазнин бардошта, ба ҳалокат расидааст.

Номбурда соли 1990 дар Тоҷикистон таваллуд шуда, соли 1999 бо оилааш ба Расказово кӯчидааст. Мактаби миёнаро дар ин ноҳия хонда, пас аз хатми синфи 9-ум дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ бо ихтисоси андовачӣ-рангуборчӣ таҳсил намудааст.

"Пас аз хизмати ҳарбӣ дар сафи артиши Русия тавассути шартнома хизматро идома дода, ба ҳайси тирандоз дар ҳайати неруҳои шаҳри Тамбов хизмат мекунад. Сержанти хурди гвардия Руслан Муллохолов на як бору ду бор барои иштирок дар амалиёти махсус ба сафари хидматӣ рафтааст",- менависад ин пойгоҳ.

Руслан Муллохолов бо духтари русе оила бунёд карда, соҳиби духтарчаи 2,5-сола будааст.

Бино ба иттилои пойгоҳи зикршуда, Руслан Муллохолов бо медали "Барои бозгашти Қрим", "Иштирокчии амалиёти ҷангӣ дар Сурия", "Барои ҷасорати ҳарбӣ", медали Суворов ва медали «Барои шуҷоат» қадрдонӣ гардидааст...



Сулаймонхӯҷа Набиев

ПОРАИ ДИЛАМ БА ҶАНГ МЕРАВАД...

Бо идомаи ҷанг дар Украина, гузоришҳо дар бораи сафарбар шудани тоҷикон ва зодагони дигари Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия ба ин ҷанг зиёдтар мешавад.

Ҳоло дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳое чарх мезананд, ки нишон медиҳанд, чӣ гуна занони тоҷик писар ва ё наздикони дигарашонро ба ҷанги Украина гусел мекунанд.

Дар яке аз наворҳо метавон дид, ки зане бо забони омехтаи тоҷикиву русӣ бо марде бо номи Саидшоҳ "худоҳофизӣ" мекунад.

Муаллифи саҳифаи "Юсупова 999", ки асосан дар бораи пухтупаз навор нашр мекунад, дертар шарҳ дод, ки дар видео сафарбарии бародараш ба амалиёти низомӣ дар Украина сабт шудааст.

Ӯ дар шарҳи навораш гуфтааст: "Пораи ҷигаратро мебаранду намедонӣ ба кучо. Касе намедонад ба ӯ чӣ иттифоқ хоҳад уфтод. Аз субҳ ба худ омада наметавонам. Шахсонеро даъват мекунанд, ки аллакай хидмат кардаанд. Дар бораи онҳоеро, ки хидмат накардаанд, чизе намедонам. Маълум шуд, ки бародарам 5-уми сентябр аз ҳақи берун шудан аз Русия маҳрум шудааст. Ӯ 12-уми сентябр ба Тоҷикистон билет дошт. Ҳама чиз пешакӣ тарҳрезӣ шуда будааст".

Дар видеои дигар, ки дар канали "Осторожно Новости" нашр шуд, занон бо ашки чашм мардони ҷавонтар аз сисоларо, ки ба забони тоҷикӣ суҳбат мекунанд, ба артиш гусел мекунанд.

То эълони "мобилизатсия" ё басеҷ (сафарбаркунии неруҳои эҳтиётӣ ба артиш) дар Русия дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои сершумори иштироки зодагони Тоҷикистон дар ҷангҳои Украина нашр шуда буданд. Коршиосони соҳаи муҳоҷират мегӯянд, сабаби асосии чунин ҳол мавҷудияти мувофиқати душахрвандӣ миёни Русия ва Тоҷикистон аст.

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилии Русия, дар панҷ соли охир наздик ба 200 ҳазор тоҷикистонӣ соҳиби шахрвандии Русия шудаанд.

ҚУРБОНИЁНИ ҶАНГ

Аз оғози ҷанги Русия дар Украина хабари марги тақрибан дах зодаи Тоҷикистон ба наздиконашон расида ё матбуот тасдиқи онро ёфтааст. Пайвандони ин ҷавонони тоҷик, ки ҳама сарбози Русия будаанд, кушта шудани онҳоро тасдиқ мекунанд.

Ахиран, боз як сарбози тоҷики артиши Русияро, ки ба қавли наздиконаш дар Украина кушта шудааст, ба Тоҷикистон меоранд.

Пайвандони Сулаймонхӯҷа Набиеви 22-сола аз ҷамоати Чилгазии шаҳри Исфара гуфтанд, ҷасади ӯро рӯзи 8-уми июн аз сардхонае дар Вилояти Ростов гирифтаанд.

Дар бораи талафоти тоҷикон дар сафи неруҳои мусаллаҳи Украина ҳанӯз иттилое нест. Дар наворҳое, ки дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ чарх мезананд, дида мешавад, ки зодаҳои Тоҷикистон аз ҳарду ҷониби ҷанг ба асорат афтодаанд. Тасдиқу тафтиши дурустии ин навору хабарҳо дар шароити ҷанг номумкин аст.

Ҷанги Русия бо Украина, ки Кремл «амалиёти махсус», вале Киев таҷовуз ба қаламраваш меномад, тақрибан чаҳор моҳ боз давом дорад.

Як нашрияи украинӣ чанде пеш рӯйхати низомиёни Русияро расонай кард. Дар ин феҳрист номи наздик ба 6 ҳазор нафаре омадааст, ки аз Осиёи Марказӣ ҳастанд. Дар бораи наздик ба 100 нафари онҳо гуфта шудааст, ки зода ва парвардагони Тоҷикистонанд.

О. СОҲИБЗОДА

ПИСАРИ РАИСУ ПРОКУРОР

Фарзандони чанд мансабдор ба артиш рафтанд?

Дар даъвати ҳарбии тирамоҳии имсола 124 фарзандони мансабдорон ва хизматчиёни далватӣ ба артиш рафтаанд. Дар ин бора Прокуратураи генералии кишвар дар сомонааш хабар додааст.

Дар байни мансабдороне, ки писаронашон ба артиш рафтаанд, писари раисони шаҳру ноҳияҳои Файзобод, Тоҷикобод, Рашт, Бохтар, сардори шуъбаи муҳосибот ва молияи Прокуратураи генералӣ, прокурорҳои ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Муъминобод ва прокурори ҳарбии гарнизони шаҳри Кӯлоб ном бурда мешаванд.

Ба иттилои Прокуратураи генералӣ ҳамагӣ то 30-юми октябри соли равон фарзандони 124 мансабдори давлатӣ ба артиш ҷалб шудаанд.


Манбаъ менависад, ки дар даъвати тирамоҳии соли 2021-ум 299 фарзандони мансабдорон ва дар даъвати баҳории соли равон 120 писарони мансабдорон ва хизматчиёни давлатӣ ба артиш рафтаанд, ки 19 нафари онҳо фарзандони кормандони прокуратура мебошанд.

ма ихтиёран ба комиссияҳои даъватӣ ҳозир шуда, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар мешаванд.

Ҷалби 124 фарзандони мансабдорон ва хизматчиёни давлатӣ ба сафи Қуввахои Мусаллаҳи кишвар дар ҳолест, ки қабл аз оғози мавсими даъвати тирамоҳӣ вазири мудофиаи кишвар Шералӣ Мирзо ба зердастони худ муроҷиат карда, таъкид намуд, ки аз даъвати иҷборӣ худдорӣ кунанд ва бештар фарзандони мансабдоронро ба сафи артиш ҷалб намоянд.

"Ҷалби фарзандони мансабдорон ба сафи Артиш эътимоди ҷомеаро ба Қуввахои Мусаллаҳи кишвар зиёд мекунад. Вақте фарзандони раиси деҳа, директори мактаб, раиси ноҳия, сардори милитсия, прокурор ва вазирон ба хизмати аскарӣ мераванд, мардум низ ба онҳо пайравӣ мекунанд. Агар сол ба сол сафи мансабдорон афзояд, ниёз ба облава ҳам намемонад",- мегӯяд ҷомеашинос Гулрӯ Сулаймонова.

Қаблан коршиносон сабаби асосии гурез аз артишро ба хидмат ҷалб нашудани фарзандони мансабдорон унвон мекарданд.



"Илова бар ин, бо мусоидати кормандони прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо ва ҳарбии гарнизонҳо дар рафти маъракаҳои даъват баъзан шаҳрвандон ихтиёран ба комиссияҳои даъватӣ ҳозиру ба хизмати ҳарбӣ даъват ва ба сафи Қуввахои Мусаллаҳ сафарбар шудаанд",- навиштаааст манбаъ.

Ба навиштаи Прокуратураи генералии Тоҷикистон, теъдоди шаҳрвандоне, ки аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ менамоянд, сол то сол кам шуда, сафи шаҳрвандоне, ки хоҳиши ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ рафтан доранд, зиёд мешавад. Ҷавонон дар асоси даъватномаи ихтиёран ба комиссияҳои даъватӣ ҳозир шуда, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар мешаванд.

Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ҳам хабар дода буд, ки бо гузашти як моҳи маъракаи даъвати ҳарбӣ нақшаи даъват ба сафи Қуввахои Мусаллаҳ дар кишвар 70 дарсад иҷро шудааст.

Дар Тоҷикистон дар ду навбат, баҳор ва тирамоҳ ҷавонони аз 18 то 27-соларо барои хидмат дар артиш ҷалб мекунанд. Даъвати баҳории шаҳрвандон ба сафи Қуввахои Мусаллаҳ аз якуми апрел оғоз ёфта, он то охири моҳи май идома меёбад ва даъвати тирамоҳӣ бошад, аз аввали моҳи октябр шуруъ гардида, дар охири моҳи ноябр ба анҷом мерасад.

Д. ҚОДИРПУР





ЧЕҲРАИ ТВ “ВАРЗИШ” КӢ БОШАД?

Чанд рӯз пеш тоҷиктабор Шавкат Раҳимов дар шаҳри Абу - Забии ДМА дар ширкати промоутерии ,,Mathroom” дар намуди IBF - Федератсияи байналмилалии бокс дар вазни 59 кг ғолиб омад.

Баъди ин сари эҳсос, донистаю надониста, ҳамагон навиштанд, ки ин аввалин тоҷик аст, ки дар вазни худ корномаи Муҳаммад Алӣ, Малик Азизро такрор кард... Вале, ин пиндор ғалат аст!

Аввалин чемпион дар ин клуб ва клубҳои дигар Муҳаммадҳоча Ёқубов аст. Ӯ зодаи Навгилеми Исфара (таваллудаш 31-уми марти соли 1995) аст. Дар Сургути Русия зиндагӣ мекунад ва дар вазни 59 кг ғолиби чандин муҳорибаҳо, аз ҷумла IBF (соли 2018) аст.

Аммо чаро мо ӯро намешиносем? Зеро телевизиони “Варзиш” онҳоро кам тарғиб мекунад. Хуб мешуд, ки телевизиони “Варзиш” зери рубрикаи “Ситораҳои варзиши тоҷикони ҷаҳон” барои шиносоии варзишгарони тоҷик, ки дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд, гузоришҳо таҳия мекард.

Аввалин Чемпиони ҷаҳон аз Тоҷикистон дар бокс бошад, Раҳим Малахбеков аст. Ӯ барандаи медали нуқраи Бозиҳои олимпӣ аст. Ҳатто коршиносон гуфтаанд, ки медали тиллои олимпӣ ҳақи ӯ буд, вале доварон ноҳақӣ карда, ӯро сазовори медали нуқра донистанд. Ӯ қаҳрамони Қалмиқистон, вакил, раиси парлумон ва шаҳрванди ифтихории ин миллат аст.

Бояд чунин нафарон чеҳраи ТВ “Варзиш” бошанд.

М. СОБИР

БУЗУРГДОШТИ ҲУНАРМАНД

Хонаи фарҳанги ҷамоати деҳоти Вишхарви ноҳияи Дарвоз ба номи Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Аҳмадшоҳ Улфатшоев гузошта шуд. Маросими ифтитоҳи он бо ширкати пайвандони ҳунарманд, аҳли фарҳанг ва кормандони МИҲД-и ноҳияи Дарвоз баргузор шуд.

Аҳмадшоҳ Улфатшоев - яке аз ҳунармандони маҳбуби театру синамои тоҷик 30-юми сентябри соли 1945 дар деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе (1954) ва Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (1980) аст. Баъди хидмат дар сафи Артиши Шӯравӣ (1964-1967) ба сифати роҳбари мусиқии дастаи ҳаваскорони ноҳияи Орҷоникидзеобод (1961-1971) фаъолият карда, аз соли 1975 то охири умр дар Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ фаъолият дошт. Дар саҳна бо маҳорати хоси ҳунарпешагӣ нақшҳои Дохунда («Дохунда»-и Ҷ. Икромӣ), Рӯдакӣ («Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода), Рустам («Рустам ва Сухроб»-и Ғ. Абдулло), Баҳроми Чӯбина («Баҳроми Чӯбина»-и Т. Аҳмадхонов), Сомонхудот («Сомонхудот»-и С. Айюбӣ), шоҳ Парвиз («Борбад»-и Ҷ. Қуддус), амир Абдулаҳад («Алломаи Адҳам ва дигарон»-и С. Улуғзода), шоҳ Егей («Медея»-и Софокл) ва ғайраро офаридааст. Дар кино ҳам даҳҳо нақши мондагор офаридааст.

Ҳунарманди маҳбуб 9-уми октябри соли 2020 дар бемористони Қарияи Болои шаҳри Душанбе дар синни 75-солагӣ даргузашт.

Ф. БОБОЕВА



ТУХМШИКАНӢ ДАР САРИ ДУХТАР

Ҳафтаи қабл дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе нашр гардид, ки дар он дида мешуд, мактаббачагон дар сари духтаре тухм шикастанд. Ин ҳодиса баҳси корбаронро ба бор оварад.

Пас аз як рӯзи нашри навор, милитсияи пойтахт ин наворро таҳқиқ намуда, муайян кард, ки ҳодисаи мазкур 28-уми сентябри соли ҷорӣ рух дода, талабагони дар навор инъикосёфта хонандагони синфҳои 8-ум ва 10-уми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе мебошанд.



Тавре Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе иттилоъ медиҳад, ин хонандагон барои гӯё «табрикот» ва «таҷлили зодрӯз» дар сарӯ рӯи соҳибҷашн тухм мешикананд ва яке аз онҳо ин ҳолатро ба навор гирифта, бо гузашти як моҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мекунад.

Вобаста ба ҳолати мазкур нисбати волидайни 4 нафар хонандагон тибқи талаботи моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, ба суд ирсол гардидааст.

ПАДАР ДУХТАРАШРО КУШТ

Кормандони милитсия як сокини ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанберо ба иттиҳоми куштор боздошт кардаанд. Падари 66-сола духтари 11-солаи худро латукӯб карда, ба ҳалокат расонидааст.

Ҳодиса рӯзи 28-уми октябр рух додааст. Гурезов Саид Шарифовичи 66-сола пулеро, ки барои харидани доруву табобат ҷамъ карда будааст, намеёбад. Ӯ ба дуздии пул духтари хурдии 11-солааш Мадина Саидоваро муттаҳам карда, ӯро дар ҳолати шадиди рухӣ бозпурсӣ карда, пасон ӯро бо чӯб ва камарбанд сахт латукӯб кардааст. Мадина бар асари латукӯб дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат расидааст.

Суди шаҳри Душанбе алайҳи Гурез Саидов бар асоси моддаи 104 (Одамкушӣ)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парванда боз карда, тафтишот идома дорад.

МУРОҶИАТ БА ҶАВОНОНИ МИЛЛАТАМ



Худоро ба ягонагӣ эътироф кун, сипосгузорӣ аз имрӯзи Тоҷикистон кун, ба қадри амнияту ободии Меҳан бирас, хидматҳои сарсупурдаву фарзонаи миллат Президенти мухтарамамонро қадрдонӣ кун, китоб хону касбу ҳунару забон омӯз, ниёконро арҷ гузор, одам накуш, ҳақи мардум нахӯр, падару модару пайвандонро азиз дор, ҷаҳонгардӣ кун, ба фарҳанги бегона тақлид накун, хиёнат ба Ватан ва ҳамватан нанамо, намозатро хон, хайрот пинҳонӣ кун, мутаассиб нашав, аз "ъамри маъруфи" муллоҳои бесаводу беҳуввият то Амрико гурез, СОХТОРИ ДУНЯВИИ ДАВЛАТДОРИРО дастгирӣ кун. Монанди Паямбарон Зардушту Муҳаммад дар баробари маърифатомӯзӣ аслу насл дошта бош, пиндору гуфтору рафтори некро шиори зиндагият қарор деҳ. Ҳатман баракати ҳарду дунёро хоҳӣ ёфт!

Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР,
журналист

ПОЯИ ДАВЛАТ НАБОШАД БЕ МАОРИФ УСТУВОР!

(Аввалаш дар саҳ.3)

Баъди саволҳои духтарам ба андеша рафтам. Воқеан, чаро ҷомеаи мо гирифтори чунин бухрони ахлоқӣ шудааст?

Банда ҳамарӯза барои расидан ба коргоҳ аз назди Боғи наврасони Душанбе, ки дар шафати варзишгоҳи “Спартак” ҷойгир аст, мегузарам. Баъди хӯроки нисфирӯзӣ низ дар ҳамин боғ қадам мезанам. Чун дар атрофи ин боғ чандин муассисаи таълимӣ ва курсҳои омӯзишӣ ҳаст, ин боғ аз субҳ то шом пур аз наврасон аст. Мушоҳида мекунам, ки онҳо чӣ гуна ба ҳамдигар муносибат мекунанд. Аз даҳонашон бӯйи шир меояд, вале чунон суханҳои қабеҳ мегӯянд, ки гӯши одам кар мешавад. Рафтору гуфтор ва тарзи муносибати духтарҳои мактабхон, ба қавле духтарбачаҳо бошад, маро мушавваш мекунад. Зеро ман ҳам ду духтар дорам ва метарсам, ки оянда онҳо ҳам ҷузъи ҳамин ҷомеа мешаванд. Бовар кунед, сигор кашидани бачаҳои 13-14-соларо қаблан дида будам, вале сигоркашии духтарҳоро чӣ мегӯед?!

Чаро ҷомеаи мо чунин шуд? Оянда чӣ мешавад?

Ба худ меандешам, ки сабаби бетарбия шудани наврасони мо коста шудани мавқеи омӯзгор дар ҷомеа аст.

Мо ҳам замоне дар мактаби миёна мехондем. Вақте ки муаллимро дар кӯча ё дигар ҷодаҳо медидем, аз тарс мегурехтем. Агар мабодо рӯ ба рӯ шавем ҳам, ҳатман ду даст пеши бар ва муаддабона “ассалом” гуфта, канор мегузаштем. Аммо имрӯз чӣ? Хонанда муаллимро дар кӯча бинад, чӣ тавр муносибат мекунад?

Дар гузашта муаллимон сахтгир буданд. Хонандагони ахлоқашон каме коста ё бадрафторро мезаданд. На бо мушту лагад, балки бо шаппотӣ, то ин ки алови чашмашонро гиранд. Ё дар синф ба хонанда курсиеро медоданд ва то занги дарс тақрибан 30-40 дақиқа бардошта меистод. Ба назарам, ин бад набуд, баръакс ба дигарон намуна ва ба чунин хонанда дарси ахлоқ мешуд. Ёд дорам, ба чунин шеваи кори муаллимон дар гузашта ҳеҷ падару модаре эрод намегирифт, ба сари онҳо чангчол бардоштан намерафт. “Гӯшташ аз шумо, устухонаш аз мо” мегуфтанд волидайни мо. “Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар” буд насиҳати онҳо.

Ҳоло чӣ? Муаллим метарсад, ки ба хонанда гапи андаке сахт гӯяд, ё худое накарда даст бардорад. Зеро медонад, ки падар ё модараш пагоҳ ба сари ӯ барои чангчолу харҳаша меояд. Ва агар ба мақомот мурочиат кунанд, аз кор ҳам меронандаш.

Агар мабодо муаллим ба сари хонанда андаке сахт гап занад, метарсад, ки ӯро бо телефон ба навор мегиранд ва дар ҳама ҷо паҳн мекунанд...

Чунин шудааст, ки падару модари муосир худаш аз уҳдаи тарбияву таълими фарзандаш намебарояд, илова бар ин, монеъ мешавад, ки мактаб ин корро кунад. Ҳамин аст, ки наврасони мо дар бухрони ахлоқӣ дармондаанд. Гумон мекунам, ҳанӯз ҳам дер нест. Чорае бояд андешид, ки фардо дер мешавад...

ЛИМИТИ БАРҚ

Кай дар Тоҷикистон барҳам мехӯрад?

Давоми қариб ду моҳ аст, ки дар минтақаҳои дурдасти кишвар аҳолӣ барқро бо реҷа мегиранд. Ҳарчанд мақомот мегӯянд, ки лимит нест, аммо аҳолӣ дар як шабонарӯз ҳамагӣ аз 4 то 8 соат бо барқ таъмин мешаванд.



ТОҶИКИСТОН БА КУҶО БАРҚ МЕФУРӮШАД?

Бино ба иттилои Агентии омори кишвар, давоми моҳи сентябри соли ҷорӣ Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи зиёда аз 17,1 млн доллар ва аз оғози сол ҳудуди 100 млн доллар нерӯи барқ интиқол додааст. Ин 11,5% бештар нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мебошад.

Ин дар ҳолест, ки сокинони деҳоти Тоҷикистон аз аввали моҳи октябр инҷониб аз маҳдудияти интиқоли нерӯи барқ шикоят мекунанд.

Ширкати "Барқи тоҷик" ҳафтаи гузашта дар муроҷиати худ ба истеъмолгарон маҳдудияти истифодаи барқро камбуди захираҳои об, инчунин, баргузории корҳои таъмиру навсозӣ маънидод кард.

Ҳиссаи нерӯи барқ дар ҳаҷми умумии содироти чумҳурӣ давоми моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ 6%-ро ташкил додааст.

Мутобиқи қарордодҳои имзошуда, нерӯи барқи Тоҷикистон ба Афғонистон ва дар давраи баҳору тобистон (май-август) ба Ӯзбекистон интиқол меёбад.

Тибқи қарордод бо ширкати Da Afghanistan Breshna Sherkat (DABS)-и Афғонистон барои соли 2022, дар мавсими тобистон ба истеъмолгарони ин кишвар шабонарӯзӣ то 400 МВт барқ интиқол ёфта, дар мавсими тирамоҳу зимистон (сентябр-апрел) ҳаҷми он 10 баробар - то 40 МВт кам карда мешавад.

АФҒОНИСТОН АЗ ТОҶИКИСТОН ҚАРЗДОР

Аммо маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки дар муқоиса бо моҳи август маблағи содироти барқ аз Тоҷикистон дар моҳи сентябр ҳамагӣ ба андозаи 5,5% - аз 18,1 млн то 17,1 млн доллар кам шудааст.

Мувофиқи қарордҳои имзошуда соли 2022 Тоҷикистон ба Афғонистон 1,5 млрд кВт/соат барқ интиқол медиҳад. Барои ҳар 1 киловатт/соат Афғонистон 4,67 сент маблағ пардохт мекунад.

Аввали моҳи августи соли ҷорӣ раиси ширкати "Барқи тоҷик" Маҳмадумар Асозода ба рӯзноманигорон иттилоъ дода буд, ки ширкати энергетикии Da Afghanistan Breshna Sherkat (DABS)-и Афғонистон аз истифодаи барқ 28 млн доллар ба ширкат қарздор аст. Сабаби пайдо шудани қарзро ӯ мушкили интиқоли пул аз суратҳисобҳои DABS дар бонкҳои Афғонистон шарҳ дода буд.

НИМ АСРИ НБО-И «НОРАК»

Аз ифтитоҳи Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" - яке аз манбаъҳои асосии нерӯи барқ дар Тоҷикистон 50 сол сипарӣ шуд.

ОҒОЗИ СОХТМОН - соли 1961
САРЧАШМАИ ОБ - дарёи Вахш
БА ИСТИФОДА ДОДАНИ АГРЕГАТИ НАХУСТИН - 15-уми ноябри соли 1972 бо иқтидори 300 МВт
БА ИСТИФОДА ДОДАНИ АГРЕГАТИ ОХИРИН - декабри соли 1979 бо иқтидори 2700 МВт
ИҚТИДОРИ СОЛОНА - 11,4 млрд кВт соат қувваи барқ

ТАҶДИДИ НАХУСТИН:
ТАҶДИДИ АВВАЛ - соли 1988
ИҚТИДОРИ АГРЕГАТҲО РАСОНИДА ШУД - ба 335 МВт
ИҚТИДОРИ УМУМӢ - 3000 МВт
БАЛАНДИИ САРБАНДИ НБО-И НОРАК - 300 метр (то соли 2013 аз ҳама баландтарин сарбанд дар ҷаҳон ба шумор мерафт).

ОБАНБОРИ НОРАК:
МАКОНИ ҶОЙГИРШАВӢ - дар дарёи Вахш
МАҚСАД - барои таъмини НБО-и "Норак" бо об сохта шудааст.
ҲАҶМ - 10,5 млрд мукааб
МАСОҲАТИ ОБАНБОР - 98 км²
ДАРОЗИИ ОБАНБОР ДАР СУРАТИ САТҲИ МАКСИМАЛӢ - 70 км
ЧУҚУРИИ МИЁНА - 107 метр
ФАРРОХӢ - 5 км

ҲАҶМИ УМУМИИ ЛОИҲАВӢ - 10,5 км3
ҲАҶМИ ФОИДАНОКИ ЛОИҲАВӢ - 4,5 км3
БАЛАНДИИ ПРИЗМАИ ИСТИФОДАШАВАНДА - 53 метр
САТҲИ МАКСИМАЛИИ ОБ - 910 метр
САТҲИ МИНИМАЛИИ ОБ - 857 метр

ИСТЕҲСОЛ:
ИСТЕҲСОЛИ НБО-И "НОРАК"
ТО 1-УМИ ЯНВАРИ СОЛИ 2010
- 353,6 млрд кВт/соат нерӯи барқ

ЛОИҲАИ «БАРҚАРОРСОЗИИ НБО-И «НОРАК»

- 20-уми марти соли 2019 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак оғози расмии лоиҳаи «Барқарорсозии НБО-и «Норак» сурат гирифт.

- Мақсади лоиҳа таҷдид ва эътимодноктар гардидани иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳ, аз 3000 ба 3300 МВт боло бардоштани иқтидор аст.

- 24-уми октябри соли 2022 бо иштироки Эмомалӣ Раҳмон агрегати №1-и НБО-и "Норак" ба номи Турсун Улҷабоев ба истифода дода шуд.

- Иқтидори агрегати барқароршуда ба 375 МВт мерасад.
- Дар натиҷаи татбиқи пурраи лоиҳа тавоноии ҳар агрегат ба 375 МВт мерасад ва истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқ 1,4 миллиард кВт/соат зиёд мегардад.

ТАҲИЯИ ИДИБЕКИ САИД ВА УМЕД СУЛТОНОВ

МИЛИТСИЯ - ҲОМИИ ҶОМЕА



Ҳамидзода Бароталӣ Партов, генерал-майори милитсия, сардори РВКД дар шаҳри Душанбе

Ҳамасола 10-уми ноябр дар Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи кормандони милитсия ҷашн гирифта мешавад. Воқеан ҳам, мақомоти милитсия дар таъмини тартибот, пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар кирдорҳои ба ҷомеа хавфнок нақши муҳим дорад.

МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе дар қатори дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти муассир дошта, фаъолияти оперативӣ-хизматии худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори мушовараҳо, фармону супоришҳо ва ҷаласаҳои оперативии назди роҳбарияти вазорат ба роҳ мондааст. Давоми 9 моҳи соли равон тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандонро зимни гузаронидани 237 адад чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, ки 32-тои он бо иштироки бевоситаи Пешвои муаззами миллат баргузор гардидааст, таъмин намудаанд.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм муҳимтарин ва афзалиятноктарин самти фаъолияти ҳамаи сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонони ноогоҳ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ-экстремистӣ тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ, аз тарафи шуъбачаи мубориза ба муқобили амнияти иттилоотии ШКҶ Раёсат сомонаҳои иҷтимоӣ таҳти назорат қарор дода шуданд. Дар натича 33 адад ҷиноятҳои тавассути сомонаҳои интернетӣ содиршуда (кибернетикӣ) ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои дар сомонаҳои иҷтимоӣ тамошо кардани барномаҳои ҳизбу ҳаракатҳои тундраву ифротгаро ва маъқул (лайк) гузоштан ё паҳн (подерлится) намудани онҳо чораандешӣ карда, 4 нафар, аз ҷумла як нафар зан муайян карда шудааст.

Нисбати онҳо барои баргехтани кинаву адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, аз 5 то 10 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ татбиқ гардидааст. Инчунин, 8 адад қонуншиканиҳои бо истифода аз сомонаҳои иҷтимоӣ паҳншуда ошкор гардида, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст.

ОШКОР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲОИ ВАЗНИН

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар пойтахт дар ҳамаи самтҳои хизматӣ 2843 ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст, ки нисбати соли гузашта 98 адад ё 3,5 % зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои афзоиш ёфтани шумораи ҷиноятҳо - ин аз як тараф беҳтар гардидани интизоми қайду баҳисобгирӣ ва аз тарафи дигар пурзӯр гардидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти ошкоркунии ҷиноятҳо мебошад.

Дар ин муддат дар шаҳр 514 ҷиноят нокушода мондааст, ки барои ошкоркунии онҳо гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ идома дорад. Дар самти кофтукови ҷиноӣ 2331 ҷиноят ошкор ва ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли гузашта 290 адад ё 14,2% бештар буда, ошкоркунии онҳо 82,4%-ро ташкил медиҳад.

Содиршавии ҷиноятҳои вазнин нисбати соли гузашта 24,4% афзоиш ёфта (аз 642 ба 799), ошкоркунии онҳо 83,3 %-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи роҳандозӣ намудани чорабиниҳои огоҳию пешгирикунанда содиршавии ҷиноятҳои хавфи бештари ҷамъиятидошта, аз ҷумла одамкушӣ 33,3% (аз 12 ба 8), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 20,8 % (24/19) ва таҷовуз ба номус 33,3% (3/2) коҳиш ёфтааст.

Ошкоркунии ҷиноятҳои куштор ва таҷовуз ба номус 100 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷиноятҳои махсусан вазнини содиршуда танҳо 1-то қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва 3 роҳзанӣ боқӣ мондаанд, ки бо онҳо коркардҳои оперативӣ идома дорад.

Дар ин давраи ҳисоботӣ 240 (2021-238) ҷинояти солҳои пешин ошкор карда шудааст, ки нисбатан 2 адад ё 0,8% бештар аст.

Аз ҷиноятҳои солҳои пеш 1 роҳзанӣ, 5 ғоратгарӣ, 66 дуздӣ, 61 қаллобӣ, 35 авбошӣ, 11 ҷинояти марбут ба воситаҳои нашъадор ва 54-то дигар ҷиноятҳо ошкор карда шудааст.

ҶИНОЯТКОРОН ДАСТГИР ШУДАНД

Ҳамагӣ 1608 нафар дар кофтуков қарор доштаанд, ки дар натиҷаи фаъолияти оператавӣ - ҷустуҷӯии мақомоти милитсия аз ин теъдод 538 нафар дастгир карда шудаанд, ки нисбат ба соли гузашта 54 нафар зиёд мебошад.

Дастгиркунии ҷиноятқорон 33,5%-ро ташкил дода, дар миқёси ҷумҳурӣ аз ҳама баланд мебошад. Дар ин муддат аз 27 (2021 - 30) ҷасади шахсиятташон номаълум ёфтшуда шахсияти 24 ҷасад муайян карда шуда, барои муайян намудани ҷасади 3 шахсияти дигар корҳо идома доранд. Аз солҳои пешин 70 ҷасади шахсияташ номаълум боқӣ мондааст.

ҶИНОЯТИ НОБОЛИҒОН КОҲИШ ЁФТААСТ

Дар ин давра дар пойтахт аз ҷониби ҳамаи сохторҳо 434 кг 228 гр воситаҳои нашъадор мусодира карда шудааст, ки нисбати соли гузашта 335 кг 964 гр зиёд аст. Аз ин миқдор 158 кг 222 грамми онро кормандони милитсияи пойтахт мусодира кардаанд.

Мақомоти милитсияи Душанбе дар самти пешгирии ҷинояткории ноболиғону ҷавонон низ фаъолияти пайваставу муассир дорад. Дар натиҷаи роҳандозӣ намудани чорабиниҳои огоҳию пешгирикунанда сатҳи содиршавии ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон ва ҷавонон ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Чунончи, дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби ноболиғон 94 ҷиноят содир шудааст, ки нисбатан 42 адад ё 30,8% коҳиш ёфтааст. Дар давраи 9 моҳи соли равон таваҷҷуҳи асосӣ ба пешгирии содиршавии ҷиноятҳои авбошии ноболиғон бо истифода аз силоҳи сард равона гардидаааст.

Дар натиҷа сатҳи содиршавии ҷиноятҳои авбошии ноболиғон бо истифода аз силоҳи сард 33,3 % (аз 3 ба 2) коҳиш ёфта, ҷиноятҳои гуруҳии ноболиғон бо истифода аз силоҳи сард ба қайд гирифта нашудаааст. Содиршавии ҷиноят аз ҷониби ҷавонон низ коҳиш ёфта, 639 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо соли гузашта 143 адад ё 18,2 % камтар мебошад.

АЗ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ТО ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ

Нозирони минтақавӣ 524 ҷиноят ошкор кардаанд, ки дар муқоиса бо соли гузашта 30 адад ё 6% бештар мебошад. Аз ҷониби нозирони минтақавӣ 44 нафар ҷинояткори дар ҷустуҷӯ буда дастгир гардидаанд. Дар ин муддат 28190 адад ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ошкор карда ва протокол тартиб дода шудааст, ки нисбати соли гузашта 9488 адад ё 50,7 % бештар мебошад.

Содиршавии ҷиноят дар ҷойҳои ҷамъиятӣ 11,7%, дар кӯчаҳо 76,6% ва аз ҷониби пеш судшудагон зиёда аз 56,2% коҳиш ёфтааст.

Содиршавии садамаҳои нақлиётӣ нисбати соли гузашта 5 адад ё 3% афзоиш ёфтааст. Шумораи ҳалокшудагон бар асари садамаҳои нақлиётӣ 32 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбатан 8 нафар ё 33,3% зиёдтар мебошад. Шумораи мачруҳон 178 нафарро ташкил дода, нисбатан 8 нафар ё 4,7 % бештар мебошад.

Дар шаҳр 7 садамаи нақлиётӣ, ки ронандагон аз ҷои ҳодиса ғайб задаанд, ба қайд гирифта шуда, ҳамаи онҳо кушода шудаанд.

Инчунин, 24 ҷинояти рабудани воситаҳои нақлиёт ва 3 ҷинояти дуздии воситаҳои нақлиёт ба қайд гирифта шуда, ин ҷиноятҳо ба пуррагӣ кушода шудаанд.

Дар ин муддат 123 801 ҳолати вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ошкор гардида, протокол тартиб дода шудааст.

БА ҶОЙИ ХУЛОСА

Аз натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-хизматии мақомоти корҳои дохилии пойтахт бармеояд, ки ҳайати шахсии милитсияи шаҳри Душанбе дар тамоми самтҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Дар таъмини волоияти қонун, ҳифзи молу мулки шаҳрвандон ва оромии ҷомеа ба савганди худ содиқ монда, ба таври шабонарӯзӣ фаъолият доранд.

Иди касбӣ муборак, милитсияи тоҷик!



Фаъолияти мақомоти милитсия пайваста мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад

ТИЛЛОИ ТЕМУР РАҲИМОВ

ва туҳфаи Рустами Эмомалӣ

Ҷудокори тоҷик Темур Раҳимов дар рӯзи охири баргузории мусобиқаи «Baku Grand Slam 2022» миёни сангинвазнҳо (+100 кг), ки дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон баргузор гардид, аввалин медали тиллои мусобиқоти Гранд Сламро ба даст овард, ки нахустин медали тиллои ин мусобиқот дар таърихи ҷудои кишвар маҳсуб меёбад.

РОҲ БА СӮИ БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ

Темур дар даври ниҳоӣ ҷудокори ӯзбек Алишер Юсуповро бо имтиёзи иппон мағлуб кард ва ғолибият ба даст оварад. Ин муваффарият ба Темур 1000 имтиёзи олимпӣ дод ва рейтинги ӯро дар садри аввали беҳтарин ҷудокорони ҷаҳон қарор дод.

Даври аввалро Темур Раҳимов озод паси сар кард. Рақобатро дар даври дуюм ба муқобили ҷудокори исроилӣ Серафим Компаниез оғоз кард ва ба ӯ бо усули осаикоми пирӯзӣ ба даст оварад.

Дар даври чаҳорякниҳоӣ Темур Раҳимов бо Саба Инанейшвили - ҷудокор аз Гурҷистон ва дар даври ниманиҳоӣ бо Мартти Пуумалайнени 25-солаи финӣ рақобат кард. Аз аввалӣ имтиёзи вазарӣ ситонд ва дуюмиро бо усули иппон шикаст дод ва ба даври ниҳоӣ роҳ ёфт.

Дар даври ниҳоӣ Темур Раҳимов бо ҷудокори 23-солаи ӯзбек Алишер Юсупов барои ба даст овардани нишони заррини мусобиқа кувваозмоӣ кард. Темур дар поёни дақиқаи сеюм тавонист рақибро аз пой афтонад. Ба ғайр аз медали тилло ва имтиёзи олимпӣ ӯ соҳиби 5000 евро гардид.

Ёдовар бояд шуд, ки аз 4 то 6-уми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон мусобиқаи "Тоскӯлоҳи бузурги Боку 2022" оид ба гӯштини ҷудо баргузор гардид, ки дар он варзишгарони зиёда аз 60 давлати ҷаҳон иштирок намуданд.

Кишвари моро дар ин мусобиқа 12 ҷудокор намояндагӣ карданд ва аз миёни онҳо танҳо Муллораҷаб Халифаев зери вазни то 66 кг ба гирифтани нишони нуқра ва Темур Раҳимов миёни сангинвазнҳо ба гирифтани нишони тилло даст ёфтанд.

АЗ ТАШВИҚИ БОБО ТО ИШТИРОК ДАР БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ

Темур Раҳимов 8-уми июли соли 1997 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шудааст. Ӯ дар синни шашсолагӣ ба санъати ҳарбӣ шуруъ кардааст. Ба гуфтаи ӯ, "вақте бобоям Рустам Абдураҳмонов маро ба тамрин ташвиқ карда буданд, хеле чавон будам. Бобоям дар ташаккули карераи варзишии ман ҳиссаи калон гузошт".



Ӯ ҳоло дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои гирифтани маълумоти дуюм таҳсил мекунад.

Темур Раҳимов яке аз гӯштигирони номдори кишвар аст. Ӯ унвони устоди варзиши дараҷаи байналмилалиро дорост. Солҳои охир дар чандин мусобиқоти дохиливу хориҷӣ номи Тоҷикистонро баланд бардошта, соҳиби ҷоизаву медалҳои гуногун шудааст. Аз ҷумла: барандаи медалҳои нуқра ва биринҷии Чемпионати Осиё оид ба ҷудо дар Эл-Фуҷайра (2019) ва Бишкек (2021); соҳиби медалҳои нуқраи Гранд Слами Боку дар соли 2021 ва ду нишони биринҷии Абу-Даби - 2021 ва Тел-Авив дар соли 2022; нишони биринҷии Гран Прии Мағриб дар соли 2019. Инак, нишони тиллои Гранд Слами Бокуро дар корномаи худ сабт намуд.

Темур Раҳимов иштирокчии Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2020 дар Токио мебошад, ки дар маросими ифтитоҳи он парчамбардори тими миллии Тоҷикистон буд. Темур Раҳимов пас аз гирифтани нишони нуқра дар мусобиқаи ҷудои Осиё дар моҳи август, ки дар Қазоқистон баргузор гардида буд, дар зинаи аввали рейтинги ҷаҳонии ҷудо миёни сангинвазнҳо қарор гирифта буд.

ТУҲФАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ бо як қарори худ рӯзи 7-уми ноябр ба Темур Раҳимов - узви яккачини дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастпарвари Муассисаи давлатии "Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои гӯштин" барои гирифтани ҷои якум ва ба даст овардани медали тилло дар мусобиқаи "Тоскӯлоҳи бузурги Боку 2022" («Baku Grand Slam 2022») хонаи 2-ҳуҷрагӣ дар пойтахт бо тамоми шароити рӯзгор ва ба Муллораҷаб Халифаев - дастпарвари "Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №6 оид ба намудҳои гӯштин"-и шаҳри Душанбе барои сазовор гардидан ба ҷои дуюм ва гирифтани медали нуқраи ҳамин мусобиқа 100 000 сомонӣ тақдим кард.



Идибеки САИД,
"Тоҷикистон"



ҚАҲРАМОНИ IBF

Шавкат Раҳимов кист?

Тоҷикистон бори дигар дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон қарор гирифт. Ин навбат муштзани тоҷик Шавкат Раҳимов камарбанди қаҳрамони ҷаҳон дар мусобиқоти IBF-ро дар вазни 59 кг соҳиб гашт.

РАУНДИ 9-УМ

Шавкат Раҳимов барои дарёфти қаҳрамонӣ дар созмони маъруфи IBF ҳарифаш аз Британиё Зелфа Барретро ба тариқи нокаут шикаст дода, қаҳрамонии ҷаҳон дар созмони IBF-ро ба даст оварад. Барои тоҷикон ин дастоварди бесобиқа аст. Чун бокс яке аз сермухлистарин намуди варзишест, ки дар Тоҷикистон низ ҳаводорони зиёд дорад.

Ин мусобиқа 5-уми ноябр дар варзишгоҳи Этиҳади Абу-Даби баргузор гардид. Шавкат Раҳимов аз тими "Архангел Михаил" ба майдон баромад ва Тоҷикистонро намояндагӣ мекард.

Пештар қарор буд Шавкат бо Ҷо Кордина мубориза барад. Аммо чанд ҳафта пеш аз вохӯрӣ Кордина дасти чапашро шикаст ва Баррет розӣ шуд, ки бо ӯ ба майдон барояд. Рақобати онҳо дар 9 раунд давом кард. Шавкат як маротиба ба замин афтод, вале нишон дод, ки ба ӯ чизе нашудааст ва рақобатро давом медиҳад. Сипас ҳарифро гирди давра чарх занонда, ба ӯ зарба зада, беҳол кард. Бо ҳамин, дар раунди 9-ум ҳарифро аз пой афтонд.

Шавкат Раҳимов як маротиба барои камарбанди IBF бар зидди Ҷозеф Диас рақобат карда буд ва вохӯрии онҳо мусовӣ анҷом ёфту аз камарбанд маҳрум монданд.

Бояд зикр намуд, ки камарбанди IBF яке аз ҷоизаҳои баландтарин дар бокси ҳирфаӣ ба шумор меравад. Ин созмон соли 1983 дар Амрико таъсис ёфтааст.

РУҲИ БЕШИКАСТ

Шавкатҷон Шокирович Раҳимов 14-уми августи 1994 дар шаҳри Бохтар ба дунё омадааст. Ӯ қаҳрамони секаратаи Тоҷикистон, ғолиб ва ҷоизадори бисёр мусобиқоти байналмилалӣ дар байни ҳаваскорон мебошад. Шавкат қаҳрамони собиқи ҷаҳон оид ба IBO (2017-2019) низ мебошад.

Ӯ аввалин бор дар арсаи байналмилалӣ дар мавсими соли 2011 дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон байни наврасон дар Остона баромад карда буд. Соли 2013 дар вазни 1-ум дар шаҳри Душанбе ғолиби қаҳрамонии Тоҷикистон шуд. Боре дар ҳайати асосии дастаи мунтахаби Тоҷикистон барандаи медали нуқраи Ҷоми Губернатор дар шаҳри Санкт-Петербург шуд.

Шавкат кӯшиш кард, ки ба Бозиҳои Олимпии тобистонаи соли 2016 дар Рио-де-Женейро роҳ ёбад, аммо дар мусобиқаи интихобии ҷаҳонии олимпӣ дар Боку ноком шуд.

Раҳимов барои расидан ба ҳадафҳои дар назди худ гузошта моҳи декабри соли 2015 дар сатҳи ҳирфаӣ аввалин бозии муваффақ анҷом дод. Вай дар Русия, асосан дар Екатеринбург ва Челябинск муштзанӣ карда, бо ширкати Урал Герман Титов RCC Boxing Promotions шартнома баст.

Моҳи ноябри соли 2016 ӯ аз рӯи маълумоти Созмони ҷаҳонии бокс (WBO) унвони қаҳрамони байни қитъаҳои ҷавононро дар вазни дуюм ба даст оварад.

Шавкат Раҳимов ҳоло дар шаҳри Екатеринбурги Русия зиндагӣ мекунад ва тамринҳои худро онҷо мегузаронад. Мураббии у Николай Попов мебошад.

ҚАСРИ АРБОБ

Ё асрори рақами 16

Қасри Арбоб. Ин бинои муҳташами таърихӣ, ки шуҳрататаш сол то сол муҳташамтар мегардад, дар сарнавишти давлату миллати тоҷик нақши назаррас дорад, зеро он шоҳиди ба ҳам омадани мардум, сарҷамъии миллат ва наҷоти халқ аз маҳву нобудӣ аст.



АСРОРИ РАҚАМИ 16

Вақте ба тамошои Қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафуров омадем, роҳбалад бо чеҳраи кушод моро пешвоз гирифта, таърихи бино ва толорҳои онро муаррифӣ мекард.

Аз роҳрави толори асосӣ гузар карда, дар назди қатори дуюм қарор мегирам. Роҳбалад маро ҳушдор медиҳад, ки дар ин қатор дар нишастгоҳи №6 Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарвари имрӯзаи давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нишастаанд.

Таърихнигорон бар он ақидаанд, ки ба ҳам тавъам омадани 16 сутуни Қасри Арбоб, ба санаи 16-уми ноябр рост омадани кори иҷлосия, 16 рӯз идома ёфтани он, дар қатори 116-ум номнавис гардидани Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун вакил, маросими савгандёдкунии Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 16-уми ноябри соли 1994, шуруъ аз 16-уми ноябри соли 2016 тақлили ҳамасолаи Рӯзи Президент, баъд аз соли 1930-юм 16-уми роҳбари давлати Тоҷикистон шинохта шудани Эмомалӣ Раҳмон ва дигар санаҳои таърихӣ бесабаб набуда, ҳар яке аҳамияти таърихӣ ва сарнавиштсозро дорост...

Имрӯз Қасри Арбоб аз осорхонаҳо иборат аст: осорхонаи бунёдгузори ин бинои нодир Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев, бунёди Тоҷикистони Шӯравӣ ва Иҷлосияи тақдирсоз. Дар умум фонди осорхона 670 нигора (экспонат) дорад, ки хеле нодир мебошанд.

Вале муроди ман аз омадан ба ин осорхона сайри таърихии он аст.

АРБОБКУШ ЧӢ ТАВР АРБОБ ШУД?

Баъди муттаҳидшавии колхозҳои Молотов ва Ворошилови ноҳияи Хуҷанд (имрӯза ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) Саидхоҷа Ӯрунхоҷаевро халқ ба раисии колхоз пешбарӣ намуд. Соли 1935 Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев ҳамчун вакили Президиуми умумииттифоқ аз Тоҷикистон ҳамроҳи дигар иштирокдорони конфронс аз мавзеи таърихии Қасри Петергофи шаҳри Санкт-Петербург дидан кард ва дар зеҳнаш бунёд кардани чунин як муъҷизаро дар Ватан парварид...

Боре Ӯрунхоҷаев зимни сафар аз мавзеи Арбобкуш убур кард. Аз баландии теппа тамошо кардани манзараҳои атроф ба раиси колхоз хуш омад. Раис тасмим гирифт, ки орзуяшро дар ҳамин макон ҷомаи амал мепӯшонад. Ӯ Арбобкушро ба Қасри Арбоб табдил медиҳад. Пас аз гирифтани розигии котиби аввали Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров аз Сталинобод меъмори номӣ Ҳикмат Юлдошевро ба Хуҷанд даъват кард.

МАВЛУДИ 65-СОЛАГИИ ҚАСРИ АРБОБ

Тасмим гирифта шуд, ки дар теппаи Арбоб се бино: идора, клуб ва хонаи истироҳат барои колхозчиён бунёд ёбад. Дар Институти лоиҳакашии шаҳри Душанбе кор авҷ гирифт, меъморон Иван Линде ва Ҳикмат Юлдошев ба лоиҳакашӣ оғоз намуданд. Лоиҳаи ҳамҷоягии се бино моҳи ноябри соли 1950 дар маҷлиси умумии колхозчиён тасдиқ гардид. Сохтмон оғоз ёфт, аммо мушкилие дошт, басо заҳматталаб. Ҳамвор кардани теппа кори осон набуд. Кор авҷ гирифт, дар сохтмони қаср мардуми маҳаллӣ низ иштирок намуданд.

Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев бо оғоз бахшидан ба сохтмони қаср ҳамчунин қалбҳои намояндагони дигар халқу миллатҳоро ба ҳам пайванд кард. Сергей Захаров ва ҳамсараш Мария аз шаҳри Санкт-Петербург ҳамчун рассом дар ороиши бино ва сақфи толорҳои чойхона, Марк Плоткини рус ва Валентин Раглиси латвонӣ ба ҳайси баркчӣ, Қосим Абдувалиевичи тотор ҳамчун хокшиносу заминшинос, Лев Дорн ва Давид Келни немис ҳамчун мутахассиси шабакаҳои гармкунӣ ва ороиши панҷараҳои атроф дар сохтмони Қаср саҳм гирифтанд.

Санаи ҳумоюни 6-уми ноябри соли 1957 теппаи Арбоб ба идҷои бузурги халқӣ табдил ёфт. Бинои Қасри маданияти Арбоб ифтитоҳ ёфт. Яъне имсол 65-солагии бунёди Қасри Арбоб аст.

ЁР АҲЛ - КОР САҲЛ

Қисми зиёди корҳои сохтмонӣ дар Қасри Арбоб тариқи ҳашар сурат гирифтааст. Маҳз ба тариқи ҳашар бунёд шудани Қасри маданият боиси сарфаи маблағи калони давлат гардид, ки дар ин ҷода низ саҳми Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев бениҳоят калон буд.

Сараввал аз рӯи лоиҳа ба сохтмону ҷиҳозонидани Қаср камаш 50 миллион сӯм сарф мешуд, аммо чашмикордониву хирадмандии раиси колхоз боиси сарфи ҳамагӣ 12 миллион сӯм гардиду бас.

... Дар арафаи баистифодадиҳии сохтмони бинои Қасри Арбоб Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев аз устоҳои маҳаллӣ пурсон мешавад, ки бар ивази маҳсули меҳнаташон ҳар талабе, ки дошта бошанд, ба иҷро мерасонад. Устоҳо аз раиси колхоз хоҳиш менамоянд, ки бар ивази меҳнаташон номнавис кардани ному насабашонро дар наздикии маҳали кор иҷозат диҳанд. Имрӯз номи устоҳои чиррадаст - накқоши моникалам Мақсуд Солиев, кандакорони авлодӣ, падару писар Устоочил ва Абдуқаҳҳор Фаёзовҳо, рассомони номӣ Раҳимшех Рачабов, Шодмонбек Отабеков, Абдурауф Аминҷонов ва дигарон, ки дар деворҳои қаср ҳаккокӣ шудааст, дар баробари бунёдгузори ин қаср Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев ҷовидон аст...

Идибеки САИД,
Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА

МАСҶИДЕ, КИ БАРҚ МЕФУРӮШАД

тактикаи руҳонии тоҷик дар Қазоқистон

Дар ҳоле, ки бисёр масҷидҳо дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои мусалмонӣ асосан бо хайру садақаи мардум кор мекунанд, як руҳонии тоҷик дар Қазоқистон усули навро пеш гирифтааст.

Масҷиди Яҳёхоҷа Исмоилов дар пойтахти Қазоқистон барқ тавлид кардаву мефурӯшад ва аз ин ҳисоб хароҷоти масҷидро мепӯшонад.

Масҷиде, ки ин руҳонии тоҷиктабор роҳбарӣ мекунад, бо шакли ғайримаъмулӣ сохта шуда, дар яке аз хиёбонҳои марказии шаҳри Остона ҷойгир аст. Масҷид ба шакли буриши алмосӣ сохта шуда, манорааш мисли қалам аст. Аммо фарқи ин масҷид аз дигар ибодатхонаҳо танҳо намуди зоҳириаш нест. Ба гуфтаи имоми он, ин масҷид аз ҷиҳати молӣ худкифо аст.

Яҳёхоҷа Исмоилов гуфт, ки ин ибодатхона бо технологияи нав бунёд шуда, худашро бо барқ таъмин мекунад.

Барқи масҷид ба воситаи нури офтоб дар дастгоҳҳо ё батареяҳо тавлид мешавад. Ин низом соли 2018 аз тарафи ширкати австриягии "Weissenseer" бо харҷи 273 ҳазор евро сохта шудааст. Маблағи сарфшуда аз ҳисоби фурӯши барқи зиёдатӣ бояд давоми 7,5 сол рӯёнида шавад.

Кристофор Мюллер, роҳбари ширкати "Weissenseer" пештар ба расонаҳои Қазоқистон гуфта буд, ин аввалин масҷид дар ҷаҳон аст, ки худашро мустақилона бо барқ таъмин мекунад.

Яҳёхоҷа Исмоилов, сархатиби масҷид мегӯяд, ки барқи тавлидшуда аз эҳтиёҷоти масҷид бештар аст ва зиёдатии онро ба идораи барқи шаҳри Остона мефурӯшанд. “Аз ҳисоби барқе, ки ба шаҳр медиҳем, дигар хароҷоти масҷидро мепӯшонем”,- афзуд ин руҳонӣ.



Яҳёхоҷа Исмоилов 35 сол аст, ки дар шаҳрҳои гуногуни Қазоқистон имомхатиб будааст. Мегӯяд, ки набояд масҷидҳо дастнигари хайру садақаи мардум бошанд. Барои баровардани хароҷоти масҷидҳои зертобеаш ин руҳонӣ аз усулҳои гуногун кор гирифтааст.

“Дар шаҳри Петропавловск масҷиди калон бунёд кардем ва дар назди масҷид як ошхонае сохтем, ки зиёда аз 200 одам ҷой мегирифт. Дар ин ошхона ҳамарӯза ва бахусус рӯзҳои шанбе ва якшанбе одамҳо омада маъракаҳои худро мегузаронданд ва аз ҳисоби он ба масҷид даромад мешуд. Ҳамчунин бо иҷозати ҳукумати маҳаллӣ қитъаи замин гирифта, барои мошинҳо таваққуфгоҳ сохтем. Дар он рӯзона 200-300 мошин меистод ва аз ҳисоби маблағи он хароҷоти масҷидро мепӯшондем”,- афзуд Яҳёхоҷа Исмоилов.

Аз ин руҳонӣ пурсидем, ки даромади масҷид чӣ гуна ҳисоб мешавад ва то кучо шаффофият таъмин аст? Мегӯяд, ки масҷид муҳосибот дорад ва дахлу харҷро 10 узви ҳайати муассисон назорат мекунанд.

Дар таърихи дини ислом масҷидҳо қаблан соҳиби дороиҳое буданд, ки вақф номида мешуд. Аммо ҳоло масҷидҳо дар Тоҷикистон ва бисёр кишварҳо ба ҷуз бино такрибан чизе надоранд. Ба истиснои маоши имомҳо, хароҷоти дигари ин ибодатхонаҳо аз ҳисоби садақаи мардум аст. Одате, ки бархе руҳониён мехоҳанд аз байн бурда шавад ва масҷидҳо аз нигоҳи молӣ муҳточу дастнигари мардум набошанд.

М. ЮСУФӢ,
Ф. МУҲАММАДӢ

ДУХТАРИ «ШАШМАҚОМ»

Достони фарзанди Барно Исҳоқова - София Бадалбоева

Барно Исҳоқова. Номи ин нобиғаи бузурги “Шашмақом” солиёни зиёдест, ки дар қалби алоқамандони мусиқӣ ҷой гирифта, хизматҳои ӯ дар таърихи санъати тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Вале кам касон медонанд, ки аз Барно Исҳоқова на танҳо сурудҳои ҷовидона, балки София Бадалбоева ном духтари ҳунарманд ва сарояндаи соҳибсабки “Шашмақом” низ боқӣ мондааст.



София Бадалбоева ҳангоми иҷрои "Шашмақом"

Достони зиндагии София Бадалбоеваро, ки 16-уми ноябри соли равон дар шаҳри Тел-Авиви Исроил 75-солагии мавлудашро таҷлил мекунад, якҷо мехонем.

КИМИЁИ САҲНА

Ман дар муҳити сарояндагию мусиқӣ ба воя расидаам. Ҳофизони машҳур, шоирон ва навозандагон дар хонаи мо ҷамъ шуда, маҳфилҳо баргузор менамуданд ё бо модарам сурудҳои навро тамрин мекарданд. Бе маҳфилҳои хос низ ҳар субҳ модарам - Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Барно Исҳоқова як ё ду соат машқи овоз мекарданд ва сурудҳои нодири “Шашмақом”-ро месароиданд. Ҳамин аст, ки аз овони кӯдакӣ ба мусиқӣ дил бастам ва месароидам. Бо гузашти солҳо овозам сайқал ёфтаву дар фикри он будам, ки баъди хатми мактаб ба Донишкадаи санъат ҳуҷҷат месупорам, вале... Падару модарам монеъ шуданд. Гуфтанд, ки бори ҳунарпешагӣ сангин аст ва ту бояд касби дигарро интихоб кунӣ. Ман розӣ шудам, зеро азобу уқубатҳои модарамро медидам. Он солҳо ӯ зиёд ба сафарҳои ҳунарӣ мерафт ва хеле хаста бармегашт. Мо аз меҳри ӯ сер намешудем.

Мардум Барно Исҳоқоваро дар саҳна дида, мафтун мешуданд, вале дарк намекарданд, ки пушти ин шуҳрат чӣ қадар заҳмат меистад. Мегуфт: “Роҳи ҳунар барои зан сахт аст. Дар кӯдакӣ ятим монда ва дар ятимхона ба воя расидам. Таҳсилоти олӣ надоштам. Дар зиндагӣ азоб кашидам. Ту хон, соҳибмаълумот шав”. Бинобар ин, ман розӣ шудам ва чун ба фанни кимиё завқ доштам, ба факултаи кимиёи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷат супорида, донишҷӯ шудам.

Гапи модарам шуд. Вақте ба Исроил ҳиҷрат кардам, ин таҳассус ба ман зарур шуд. Беш аз 20 сол дар як ширкати хӯроквориро ба ҳайси ташхисгар кор карда, бознишаста шудам. Яъне аз пушти ин касб нон хӯрдам...

МУҲОҶИРАТ

Дар Тоҷикистон бисёриҳо ақида доранд, ки яҳудиён нооромии Тоҷикистонро аз қабл медонистанд, бинобар ин пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ кишварро тарк карданд. Вале ин тавр нест. Ман ҳатто тасаввур намекардам, ки дар Тоҷикистон нооромӣ мешаваду дар натиҷа ҳама яҳудиён кишварро тарк мекунанд. Агар пешомадро медонистам, падару модарам ва оилаи бародарамро низ меовардам, зеро онҳо баъди 3 соли ман тарки Тоҷикистон карданд.

Ман соли 1989 қабл аз оғози нооромиҳо дар Тоҷикистон ба Тел Авив кӯчидам. Хонаводаи шавҳарам Юсуф Кайков дар Исроил зиндагӣ мекарданд. Падару модари шавҳарам пир шуда, ба кумаку парасторӣ ниёз доштанд. Бинобар ин, мо ба Исроил кӯчидем.

ҒАРИБ ДАР ВАТАНИ ХУД

Солҳои аввал дар Исроил азоб кашидем. Ба забони ибрӣ ҳарф зада наметавонистам. Кор ёфтан низ душвор буд. Вале Ҷамъияти яҳудиёни бухороӣ, ки аз солҳои 70-ум аз тарафи яҳудиёни аз Осиёи Марказӣ ба Исроил рафта созмон ёфта буд, ба ман кумак кард. Ҷамъияти яҳудиёни бухороии Исроил беш аз 250 ҳазор нуфус дорад. Онҳо бо забони тоҷикӣ бо мо гуфтугӯ карда, барои мо кор ҷустанд. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста ҷузъи ҷомеаи Исроил шудем.

Ворид шудан ба ҷомеаи Исроил барои фарзандонам низ душвор буд. Бинобар ин, онҳо низ азият кашиданд. Зеро низоми маорифи Исроил фарқ дошт. Вале ду духтари ман ҳамаи душвориҳоро пушти сар карда, донишгоҳи пизишкиро хатм карданд ва имрӯз ҳар ду табиби шинохта мебошанд.

БАРНО ДАР ЁДИ ВАТАН

Баъд аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон модарам - Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Барно Исҳоқова низ маҷбур шуд тарки Ватан кунад. Муҳоҷират барои модарам сахт буд. Куҳансол буд, тавони омӯзиши забони ибриро надошт. Ба иллати заъфу беморӣ дар дастаи ҳунарӣ ё театр кор кардан низ барояш мушкил буд. Муҳити қаблӣ дар Тоҷикистонро пазмон мешуд. Ёди ҳамкорону шогирдонро мекард.

Ӯро дарк карда мешавад. Як шахсияти бузургу шинохтаи Тоҷикистон буд. Вале вақте Исроил омад, як зани бознишастаи хонашин шуд.

Барои ӯ дур шудан аз маҳофили адабию ҳунарӣ ва шогирдон сахт буд. Зеро ӯ 50 сол гули сари сабади маҳфилҳову маҷлисҳои Тоҷикистон буд.

Модарам то поёни умр ба муҳити Исроил мутобиқ нашуд. Орзу дошт, ки бори дигар Тоҷикистонро бубинад. Вале ба орзуяш нарасид. Ҳис мекардам, ки дар қалбаш умедвор буд, ки рӯзе барои ҳамеша ба Тоҷикистон бармегардад, вале...

Моҳи сентябри соли 2001 меҳри Тоҷикистон дар қалб ва номи Душанбе дар забонаш ин дунёро падруд гуфт.



Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Барно Исҳоқова бо София Бадалбоева ҳангоми иҷрои "Ушшоқ"

PRESSA.TJ

Муҳоҷират барои модарам - Барно Исҳоқова сахт буд. Куҳансол буд, тавони омӯзиши забони ибриро надошт. Ба иллати беморӣ дар дастаи ҳунарӣ ё театр кор карда наметавонист, Тоҷикистонро пазмон мешуд.

ҲУНАР

Банда, бо вуҷуди хатм кардани факултаи кимиё, боз ҳам ба роҳи санъат рафтам. Дар ансамбли “Шашмақом” фаъолият карда, дар Тоҷикистон ҳамчун сарояндаи машҳур шудам. Мардум маро ҳурмат мекарданд, дӯст медоштанд, вале чӣ илоҷ, ки қисмат маро аз Тоҷикистон ҷудо кард. Баъди ба Исроил омаданам низ бекор набудам. Санъат ҳамеша бо ман буд. Мо бо дастгирии яҳудиёни Бухоро дастаи ҳунарии "Наво" ва як театр таъсис додем. Аъзои дастаи мо ҳунарпешаҳое буданд, ки дар солҳои мухталиф аз Тоҷикистону Ӯзбекистон ба Исроил ҳиҷрат карда буданд. Масалан, Саъдӣ Хайимов, собиқ мусиқинавози Филармонияи давлатии Тоҷикистон, Эдуард Завлонов, раҳбари пешини дастаи ҳунарии "Лола"-и Тоҷикистон, Юсуф Кайков, собиқ ҳунарпешаи дастаи ҳунарии "Шашмақом"-и Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон, Сулаймон Таҳалов, мусиқишинос аз шаҳри Тошканди Ӯзбекистон, Валерий Сасонов, кларнетнавози пешини дастаи ҳунарии "Гулшан"-и Тоҷикистон ва Артур Хоҷаев, собиқ доиранавози дастаи ҳунарии "Бонувони рубобнавоз"-и Тоҷикистон аъзои дастаи ҳунарии "Наво" буданд. Бархе аз олам рафтанд, вале санъати “Шашмақом” ва мусиқии тоҷикӣ дар Исроил равнақ дорад. Умдатан, мо таронаҳои классикӣ, аз ҷумла сурудҳои "Шашмақом"-ро месароем.

Банда ҳам тӯли ин солҳо пайваста кори ҳунарӣ мекунам. Чанд албоми таронаҳоямро таҳия кардам. Ҳамчунин, 14 суруди модарамро, ки омода шуда, аммо сабт нашуда буд, худ сароида, албоми алоҳида нашр кардам.

“Шашмақом” дар хуну ҷони мост ва мо онро ҳифз мекунем ва ба шогирдон мерос мегузорем. Ифтихор мекунам, ки яҳудиёни бухороӣ забони тоҷикӣ, сурудҳои тоҷикӣ ва “Шашмақом”-и тоҷикиро ҳифз карданд. Феълан дар Амрико низ мақомсароёни номвар ҳастанд...

ОРЗУИ НАЗДИКӢ БО ТОҶИКИСТОН

Бори охир соли 2012 ба Тоҷикистон рафта будам. Ин сафари мо - як гуруҳ ҳунармандони яҳудӣ бо маблағгузории Амонулло Ҳукумов - раиси Роҳи оҳани Тоҷикистон иттифоқ афтод. Моро дар Тоҷикистон хуш истиқбол карданд. Аз дараи Ромиту Варзоб нафас кашида, аз тамошои Душанбе лаззат бурдам.

Ба Хонаи Радио рафта, ҳамкорони собиқро дидам. Ба Консерваторияи миллӣ ва Филармонияи давлатӣ даъват шудам. Бо аъзои дастаи ҳунарии "Бонувони рубобнавоз" мулоқот доштам. Дар ин дидорҳо дар бораи ҳамкориҳои оянда суҳбат кардем. Мо мехоҳем гурӯҳҳои ҳунарии Тоҷикистонро ба Исроил даъват кунем. Худамон бо сафари ҳунарӣ ба Тоҷикистон омада, консерт баргузор кунем. Вале ин ҷо як мушкил ҳаст. Дар Исроил консулгарии Тоҷикистон ва дар Тоҷикистон консулгарии Исроил нест. Ҳамин аст, ки равуои мо душвор аст. Агар ҳамин мушкил ҳал шавад, робитаи фарҳангии мо хуб мешавад ва мо ба Ватанамон - Тоҷикистон озод равуо мекунем. Тақозои мо зиёд нест. Пайванд бо Тоҷикистон орзуи ҳамешагии мост.

Одил НОЗИР

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Сайфуллоева Саимахон Ҳабибовна, РЯМ: 0331277366, РМА: 045600121, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0144946-и гумшуда, ки онро Гимназияи шаҳрии шаҳри Душанбе соли 2008 ба Ҳишом Васил додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Хомидов Фарход Бахромович №0417874, РЯМ: 0430293958, РМА: 615112438, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 08.10 соли 2019 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш486-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 14.05 соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ ҷамоати деҳоти Сарикиштии деҳаи Озодии занон 2, хонаи 160 ба Искандаров Байдулло Файзуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият таҳти феҳрести 5/хм 44, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 9.04 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, бинои 101, ҳуҷраи 42 ва дубликати он, ки дар Идораи нотариалии шаҳри Турсунзода 11.04 соли 2017 таҳти феҳрести 13.н_316 ба номи Мухтарова Дилбархон Нарзуллоевна сабт карда шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 5Ш-305-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 30.06 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷ/д Дурбат, деҳаи Хоҷасидиқ, хонаи б/р ба Раҷабов Исмат Саидович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЖТ-I бо рақами қайди 7157-и гумшуда, ки онро Техникуми кооперативии шаҳри Душанбе 28-уми июни соли 1985 ба Мирзоев Изатулло Махмадуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.


► Билет донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи саёҳӣ соҳибкорӣ ва хизмат соли 2020 ба Курбонов Исмоил Иброхимович додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Сайри Ватан", №0280607, РЯМ: 0110023797, РМА: 010099608 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Меҳроҷ 2016", РЯМ: 0210024137, РМА: 0200483338 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи истеҳсолии "Сироҷиддини Нуриддин" РЯМ 2110003473, ки дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ аз 02.12.2010 ба қайд гирифта дар нозироти андози ноҳияи М.С. А. Ҳамадонӣ аз қайди баҳисобгирӣ гузаронида шудааст, барҳам мехӯрад.



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи аввали моҳ ноумедатон намесозад. Дар ҷодаи касбу кор тағйироти мусбат рух дода, робита бо ҳамкорон гарму самимӣ гашта, аксари ҳамалҳо шиносҳои даркорӣ пайдо мекунанд. Барои дидорбинии наздикони калонсолатон вақт пайдо кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта лаҳзаҳои аҷибу ғайриодиро аз сар мегузаронед. Мушкилиҳои молиявиро рафъ карданатон лозим меояд. Муҳим он аст, ки дар ҳузури ҳамкорон боҷуръат амал намоед. Аз сафари корӣ ҳам рухсатон болида мегардаду ҳам шиносҳои нав пайдо мекунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи хеле аҷиб шуморо интизор аст. Барои ҳар ғалати содирнамуда худро азият надиҳед, зеро инсон бе камбудӣ намешавад. Бештар дар ҳавои тоза сайр намуда, истироҳати бофароғат кунед. Муносибатҳоятон бо аҳли хонавода хубтар мегардад.



Саратон
22.06 - 23.07

Нақшаву ниятҳое, ки дар ин ҳафта назди худ мегузоред, аз шумо кӯшишу ғайрати зиёдро талаб намекунанд. Рафту душвориҳо пайдо шаванд, бе дудилагӣ ба дӯстони худ занг зада, аз ҳамкорон кумак пурсед. Дар ин ҳафта маблағи хуби пулӣ ба даст меоред.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта ҷасурона амал кунед, дар корҳои муҳим масъулиятро ба дӯш гиред. Дар ҳаёти оилавӣ ва шахсӣ ягон тағйирот дида намешавад, вале бо наздикони худ муноқиша накунед, зеро дар ин рӯзҳо асабониву зудранҷ мегардед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта шарму хиҷолатро аз худ дур созед. Тақдир шуморо бо нафарони воломақоме рӯ ба рӯ месозад, ки кумаку дастгириятон дар пешравии корҳоятон мерасад. Дар ҷойи кор ташаббус нишон диҳед, сардор ҳатман кӯшишатонро қадрдонӣ мекунад.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта ҳангоми сафару саёҳат кардан ба амалҳои хатарнок даст назанед. Корҳои хидматӣ дар ин рӯзҳои тирамоҳӣ бароятон якрангу дилгиркунанда менамоянд. Бо ҳамкоратон ишқбозӣ накунед, обрӯи худро ҳифз намоед, атрофиён ҳар амалу рафтори шуморо назорат мекунанд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта бо ободонии хонаву дар машғул шуда, мушкилоти худро фаромӯш мекунед. Дар робита бо атрофиён бештар гузашт намоед, бо вуҷуди ҳақ будан хомӯширо авлотар донед. Муносибатҳои ошиқонаатонро дар ҷойи дуюм гузоред.



Қавс
25.11 - 21.12

Барои аксари қавсҳо ҳафтаи бобарор меояд. Барои пешравии корҳоятон болидаруҳ будан ва табассуми хурсандона кифоя аст. Аз сабукфикрӣ худдорӣ намоед, дӯстону наздикони худро ба доми ҳиллаву найранг напечонед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Дар ин ҳафта дар назди касе бечоранолӣ накунед. Зиндагӣ бе мушкилӣ намешавад, дӯстону наздикони худро бо шиква ҷонбезор накунед. Дар муносибатҳои ошиқонаатон оромиву нишот ҳукмфармо мегардад, дӯстдоштаатон ба тамоми шартҳои шумо розӣ мешавад.



Далв
21.01 - 19.02

Навигариҳо зиёд мешаванд, дар сурати душвор гаштани вазъият гунаҳкоронро наҷӯед. Далвҳои муҷаррад харидорони зиёд пайдо мекунанд. Аввали ҳафта коратон зиёд мешавад, вале ҳақи хизматро сари вақт гирифта наметавонед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аз комёбиву дастовардҳои худ фахр накунед, аз ҳар комёбии ночиз шод гаштанро омӯзед. Муҳити корияторн хеле гуворо буда, шумо мушкилиҳои чанд муддат батаъхирмондаро низ рафъ мекунед. Муносибатҳоятон бо шахсе, ки дӯсташ медоред, хеле хуб ҷараён мегирад.



БЕМОРИИ ГУРУСНАГӢ

чаро баъди хӯрдани хӯрок дарди меъда нест мешавад?

Чандест, ки дар ҳолати гурусна-гӣ меъдаам дард мекунад. Доруҳои таскиндиҳандаи дардро истеъмол мекунам. Аҷибаш ин аст, ки баъд аз хӯрокхӯрӣ дард нест мешавад. Аз ин рӯ, мехостам, донам, ки ин нишонаҳои кадом беморӣ аст?

ФИРӮЗ,
ноҳияи Нуробод

Ба ин савол Сайфулло Ҳакимов - духтури Маркази миллии ташхису табобат посух мегӯяд:

- Бояд қайд намоям, ки меъда дар худ ширае дорад, ки он дар ҳазми хӯрок мусоидат менамояд. Вақте ки вайроншавии кори узв ба миён меояд, шира миқдори муайяни худро гум мекунад ва дарду сӯзишҳо инсонро азоб медиҳанд.

Аксари беморон ҳангоми гурусна мондан дардҳои зиёдро дар мавзеи меъда эҳсос мекунанд ва ягона роҳи халосӣ аз дард хӯрданро медонанд. Дар тиб онро дарди гуруснагӣ мегӯянд. Вақте меъда холӣ мешавад, дар ин вақт шираи меъда зиёд хориҷ шуда, ба хурӯҷи даромади рӯдаи 12-ангушта ва пайдоиши дард оварда мерасонад. Вақте бемор ягон чиз мехӯрад, дар ин ҳолат туршии меъда кам шуда, дард низ паст мешавад. Дардҳои сӯзон бошад, дар натиҷаи зиёд шудани шираи меъда хеморетсепторҳо ва ретсепторҳои дардиро ба сӯзиш меорад. Ин ҳолатро доруҳои бартарафкунандаи хурӯҷ (спазмалетик) таскин мебахшанд.

Намуди дигараш - ин дардҳои дер мебошад. Яъне шахс хӯрок мехӯрад ва он баъд аз ҳазмшавӣ аз меъда мебарояд ва пас аз муддате дард пайдо мешавад, ки сабаби он зиёд будани шираи меъда мебошад. Дардҳои шабона бошад, аз боиси зиёд шудани тонуси мушакҳои меъда мебошад, ки ин ба кори аз меъёр зиёд ва болоравии шираи меъда мусоидат мекунад. Тавсия медиҳам, ки бо пайдо шудани ин оризаҳо ба табиб муроҷиат намоед.

ГАЙМОРИТ

онро тиби халқӣ муолиҷа мекунад?

Аз дарди пешонӣ ва сар хеле азоб мекашам. Ташхиси бемориам гаймо-рит аст. Ҳарчанд аз доруҳо истифода намудам, натиҷаи дилхоҳ надод. Ба ман ҷарроҳиро тавсия намуданд. Вале мехоҳам пеш аз ҷарроҳӣ ба тиби халқӣ муроҷиат кунам. Оё усулҳои халқии табобати гайморит мавҷуд аст?

ХУРШЕД, шаҳри Ҳисор

- Дар тибӣ халқӣ тамоми бемориҳо муолиҷа карда мешаванд. Аз ҷумла гайморит ҳам ба воситаи гиёҳҳову растаниҳо муолиҷа карда мешавад. Дар ин маврид ба шумо чанд маслиҳати кӯтоҳ медиҳем.

ЯКУМ. Баргҳои каланхоеро майда реза карда, дар бинӣ мечаконем, то сар шудани атса меқапем. Баъд аз ин кор атсаҳои пай дар пай пайдо мешаванд ва баробари он зардоби бинӣ ва қисмати пешонӣ кам мешавад. Агар ин тарзи муолиҷаро 7 рӯз давом диҳед, гайморит нест мешавад.

ДУЮМ. Як қошуқчагӣ асал, сода, равғани офтобпарастро якҷоя карда, пахта ё докаро дароз печонида, ба андозаи бинӣ тампон тайёр мекунем. Ва онро дар маҳлули таёркаршуда тар карда, дар сӯрохиҳои бинӣ мегузорем. Он то 20 дақиқа бояд дар бинӣ истад. Баъди 3 ё 4 курси муолиҷа ҳамаи риму зардобҳо мерезанд.

СЕЮМ. 600 грамм асалро бо 350 грамм шарбати алоэ ва майи сурх якҷоя карда, 5 рӯз дар ҷои торик нигоҳ медорем. Ин даворо рӯзе се маротиба дар як рӯз, пеш аз хӯрок истеъмол мекунем. Ин тарзи муолиҷа ҳатто гайморити музминро низ даво мебахшад.



ОСОРХОНА ВА ПАЙКАРАИ МУЪМИН ҚАНОАТ ДАР ДАРВОЗ





7-уми ноябр бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ дар деҳаи Умараки ноҳияи Дарвоз осорхона ва пайкараи Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

"Иншооти мазкур дар доираи корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст бо харҷи 4 миллион сомонӣ, барои арҷгузорӣ ба шахсияти устод Муъмин Қаноат бунёд гардидааст", – хабар медиҳад МИҲД-и ноҳияи Дарвоз.

Пайкараи шоир дар баландии 4 метр ҷойгир шуда, гирдогирди он бо санги мармари истеҳсоли корхонаҳои саноатии ноҳия оро дода ва сабзу хуррам гардонда шудааст.


Дар осорхона асарҳои гаронбаҳо, аксу мусаввараҳои таърихӣ бо чеҳраҳои шинохтаи кишвар, мукофотҳои давлативу ҷамъиятӣ, ки аз фаъолият ва эҷоди устод Муъмин Қаноат нақл мекунанд, ҷой дода шудаанд.

"Зимни боздид аз осорхона Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ба сохтмони он баҳои баланд дода, онро намунаи олии сиёсати маърифатпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвон кард. Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода чун нишони эҳтиром дар китоби меҳмонони фахрӣ соядааст гузошт", – хабар медиҳад манбаъ.

Ёдовар мешавем, ки Муъмин Қаноат яке аз шоирони бузурги тоҷик буда дар рушди адабиёти муосир нақши муҳим бозидааст. Номбурда аз солҳои 60-ум ба майдони адабиёти Шӯравӣ ворид шуда, бо асарҳои мондагораш аз қабили "Суруши Сталинград", "Гаҳвораи Сино", "Китобҳои захмин", "Мавҷҳои Днепр" ва "Масъуднома" шуҳратёр гардидааст.



Ато Мирхоҷа



Абдурауф Муродӣ



Абдуллои Раҳнамо

АЗРОИЛ ДАР "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ"

Дар озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ..." дар Бохтар дар байни довталабони адабиёти муосир паиҳам ба номҳои Микоил ва Исрофил дучор шуда, изҳори тааҷҷуб кардам.

Вақте инро ба сардори ҳакамони адабиёти бачагона шоир ва ҳаҷвнигор Абдурауф Муродӣ нақл кардам, хандиду гуфт:

- Инҳо ҳеҷ гапе не, имрӯз як писарак худро Азроил муаррифӣ кард ва талхаи ҳакамонро кафонд.

ХАРИ ШӮХИ СИТАМГАР

Рӯзи дуюми сафарамон дар Яғноб ба мавзеъҳое расидем, ки роҳи мошингард надоштанд.

Аз деҳаи Пискон харҳо киро кардем. Ба устод Абдуллоҳи Раҳнамо хари хушфеъл афтод, ба мани камтолеъ бадфеъл. Аз халачӯб задану по ба шикамаш кӯфтану "их" гуфтан ҷон ба лабам омад. Аммо дӯстам Раҳнамо чунон роҳат буд, ки дар андак замоне хеле пеш рафт ва дар болои хар ба навиштани шеър дар бораи Яғноб даст зад. Ҳар боре байте менавишт, харашро нигоҳ дошта, онро бо садои баланд мехонд ва кайфияташро мепурсид. Ман андармони нозу нузи хари саркаш аранге гапашро мешунидам.

Корвончаамон дар вайронаи деҳаи Кантсе танаффус кард. Устод Раҳнамо байтҳои тоза навиштаашро хонду пурсид:

- Шумо шеър нанавиштед?

Гуфтам:

- Навиштам: "Эй хари шӯхи ситамгар, то ба кай сӯзӣ маро!?".

АШКИ ОҲУ

Беморе назди фолбин рафт ва дарди худро барояш арз кард. Фолбин гуфт:

- Ба дарди ту ашки оҳу давост. Оҳуе ба даст ор ва ашкашро бинӯш.

Бемор гуфт:

- Ҳаббазо, чӣ давое фармудӣ! Фарз кардем, ба куҳ баромадаму оҳуро доштам, аммо, лутфан бигӯ, чӣ тавр мақбураш кунам, ки бигиряд?!

БАНДАГӢ

Марди ванчие, ки дар Хоруғ кор мекардааст, ба Ванҷ рафта, ҳафтае бедарак шудааст. Роҳбари ӯ, марди шуғнӣ, аз чунин ҳол ба ташвиш афтода, ба хонааш занг мезанад:

- Мебахшед, фалонӣ чаро ба кор намеояд?

- Он кас бандагӣ карданд,- ҷавоб медиҳанд аз он сӯ.

Шуғнӣ маънои ин гапро нафаҳмида, дӯғ мезанад:

- Бандагӣ кардаст, чӣ кардаст, барои худаш кардаст. Лекин агар пагаҳ ба кор ҳозир нашавад, гӯедаш, ки дигар наояд ҳам мешавад!

ХУДО БАРИН

Афандиро пурсиданд:

- Фарзандонат гапи туро чӣ гуна гӯш мекунанд?

Гуфт:

- Худо барин.

Ҳайрон шуда, пурсиданд:

- Чӣ тавр?

Гуфт:

- Он гуна, ки бандагон ба гапи Худо боэҳтиром гӯш медиҳанд, аммо ба он амал намекунанд, фарзандони ман низ ҳамчунинанд.

Ато МИРХОҶА

Тақвими ТОҶИКИСТОН

10-УМИ НОЯБР

АБУСАИДИ ВОҲИД (1967), 55-солагии зодрӯзи шоир, хизматчии давлатӣ.

ИСМОИЛ МУҲСИНОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

СОЛЕҲ РАҶАБОВ (1912-1990), 110-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон, арбоби ҳизбӣ ва давлатӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

МАҲБУБА АФЗАЛӢ (1957), 65-солагии зодрӯзи мутарҷим, олими соҳаи педагогӣ.

МУҲАББАТ ҲАМДАМОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

НИЗОМУДДИНИ ДАВЛАТ (1957), 65-солагии зодрӯзи шоир.

11-УМИ НОЯБР

ЗУҲРО ҲАМРОҲБОЕВА (1962), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

АБДУЛАТИФ АЗИЗОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогӣ.

12-УМИ НОЯБР

Ибодат РАҲИМОВА (1922-2009), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ ва ҳизбӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

АҲМАД ҒАНИЕВ (1927), 95-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

АБДУЛАТИФ АЗИЗОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

13-УМИ НОЯБР

МАСТУРА ВОҲИДОВА (1922), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

ВЛАДИМИР СЕРЕБРОВСКИЙ (1937), 85-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

14-УМИ НОЯБР

МУАТТАР ЗИКРЁЕВА (1952), 75-солагии зодрӯзи забоншинос, олими соҳаи филология.

СЕРГЕЙ ВИШЕЙПОСКИЙ (1927), 95-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

ҶУРАБОЙ РАҲМОНОВ (1927-2010), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

15-УМИ НОЯБР

АНДРЕЙ ХАРЧЕКО (1907-1986), 115-солагии зодрӯзи генерал-майор.

ЛАЗЕР РИМПЕЛ (1907-1974), 115-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

16-УМИ НОЯБР

ЮСУФШОҲ ЯҚУБШОҲ (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, академик, арбоби илми Тоҷикистон.

СОФИЯ БАДАЛБОЕВА (1947), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, арбоби ҳунари ҷумҳурӣ.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ШОҲМОТ

ШОҲМОТБОЗИ ТОҶИК ДАР ДУБАЙ МАРКАЗИ ШОҲМОТ КУШОД



Бунёдгузори Академияи шоҳмоти Сино (Sino Chess Academy) - Сино Ҳотамӣ, ки қаҳрамони Тоҷикистон оид ба шоҳмот ва довари Федератсияи байналмилалии шоҳмот (FIDE) мебошад, бо Клуби шоҳмотбозӣ дар Аморати Муттаҳидаи Араб созишнома имзо намуда, филиали дуюми академияи хешро дар Дубай ифтитоҳ намуд.

Тобистони имсол бошад, Академияи шоҳмоти Сино ва Маркази забономӯзии Инфинити (SINO CHESS ACADEMY & INFINITY LANGUAGE LEARNING CENTRE) бо Федератсияи Шоҳмоти Тоҷикистон созишномаи ҳамкорӣ имзо намуда, ба қавли Сино Ҳотамӣ намояндаи федератсияи мазкур Наврӯз Муқимов дар самти рушди шоҳмот дар кишвар саҳми бориз дорад.

Худи Сино Ҳотамӣ бо чандин забонҳои хориҷӣ дар шаҳри Дубай дарси шоҳмот гузаронида, бовар дорад, ки донистани забонҳо калиди муваффақият мебошад.

Дар шаҳри Душанбе бошад, мутахассисони шоҳмот ба қаҳрамонони ояндаи тоҷик дарси шоҳмот ва забонҳо медиҳанд. Хонандагони маркази шоҳмот ҳанӯз аз синни 3-солагӣ ба омӯзиши касбии шоҳмот пардохтаанд ва бо вуҷуди он, ки кӯдакони ин синну сол аллакай хондану навиштан метавонанд, ин раванд кори мураббиёнро боз ҳам осонтар мекунад.

Дарсҳои шоҳмот дар Маркази шоҳмоти Федератсияи шоҳмоти Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе айни ҳол тариқи онлайнӣ гузаронида шуда, ҳамчунин дарсҳои омӯзиширо қаҳрамони Осиё оид ба шоҳмот Мутриба Ҳотамӣ ва Сино Ҳотамӣ дар Маркази шоҳмот доир мекунанд.

Сино Ҳотамӣ бар он аст, ки хонандагони бехтарини Sino Chess Academy ва Infinity LLC имконияти иштирок дар сабқатҳои байналмилалӣ дар шаҳри Дубай пайдо хоҳанд кард ва чеҳраҳои бехтарин албатта мавриди сарпарастӣ қарор мегиранд.

ФУТЗАЛ

ДУ МУШТЗАНИ ТОҶИК БА НИМФИНАЛИ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ БАРОМАДАНД

Дар шаҳри Аммони кишвари Урдун Чемпионати бокси Осиё идома дорад, ки дар он муштзанҳои тоҷик низ ширкат доранд, ки ду нафари онҳо ба даври нимфинал расидаанд.

Дар рӯзи 6-уми мусобиқа муштзани бомаҳорати кишвар Баҳодур Усмонов зери вазни 63,5 кг дар даври чорякниҳоӣ муқобили муштзани туркманистонӣ Хурсанд Иманкулиев (3:2) пирӯз шуд ва ба даври нимниҳоӣ роҳ ёфт. Дар даври нимниҳоӣ рақиби Баҳодур аз Ҳиндустон Тхапа Шива аст. Рақобати ин ду муштзан рӯзи 10-уми ноябр баргузор мегардад.

Муштзани дигари Тоиҷикистон Муҳаммад Аброриддинов сабқатро аз даври чорякфинал оғоз карда, бар намояндаи Сурия Муҳаммад Млайес пирӯз шуд. Ҳарифаш дар нимфинал намояндаи Қазоқистон Камчибек Конкабаев мебошад. Ин муҳориба низ 10-уми ноябр баргузор мешавад.

Руҳафзо Ҳақназарова (-50 кг) дар чорякфинал аз варзишгари Ҷопон Намики Тсукими, Миҷгона Самадова (-57 кг) дар даври аввал аз намояндаи Тайпей Ю-Тинг Лин, Шоира Зулқайнарова (-60 кг) пас аз ғалаба бар варзишгари Ҷопон Танака Ринка дар даври аввал, дар даври дуюм аз намояндаи Тайбэй Шин-Йӣ Ву, Хусравхон Раҳимов (-57 кг), ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм аз варзишгари Тайбэй Ченг-Вей Ли, Абдумалик Болтаев (-75 кг) пас аз пирӯзӣ бар намояндаи Сурия Аҳмад Ғоссон, дар даври дуюм аз варзишгари Ӯзбекистон Саидчамшед Ҷаъфаров, Шаббос Негматуллоев (-80 кг) дар даври аввал аз намояндаи Ҳиндустон Лакша Чаҳар, Наврӯз Ҷафоев (-86 кг) дар чорякфинал аз намояндаи Қазоқистон Сагиндик Тогамбай ва Давлат Болтаев (-92 кг) дар чорякфинал аз варзишгари Урдун Аҳмад Сулаймон мағлуб гардида, аз идомаи сабқатҳо бенасиб монданд.



ЧЕМПИОНАТИ ҶТ

«ИСТИҚЛОЛ» ПЕШ АЗ МУҲЛАТ ЧЕМПИОН ШУД



4-уми ноябр дастаи "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе дар даври 20-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон мисёни дастаҳои Лигаи олӣ бар дастаи "Хатлон" ғалаба карда (1:0), пеш аз муҳлат чемпиони Тоҷикистон эътироф шуд. Ин маротибаи 11-ум аст, ки дастаи шаҳри Душанбе чемпиони Тоҷикистон мешавад.

Бозиҳои даври 20-уми Чемпионати Тоҷикистон 4-6-уми ноябр баргузор шуданд.

Голи ягонаро дар бозии гурӯҳи "А" миёни дастаҳои "Истиқлол" ва "Хатлон" Алиҷон Кароматуллозода зад. Дар бозии дигари гурӯҳ "Равшан"-и Кӯлоб дар сафар КМВА-ро бо ҳисоби 2:0 шикаст дод. Голҳоро Комрони Мирзохон ва Абдухалил Боронов заданд.

Дар гурӯҳи "В" "Регар-ТадАЗ" бар дастаи "Эсхата" бо ҳисоби 2:1, "Файзканд" бар "Истаравшан" бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуданд.

Пас аз натиҷагирии 20 даври бозиҳо "Истиқлол" дар ҷадвали мусобиқа бо 42 имтиёз дар ҷойи аввал аст. "Равшан" бо 10 имтиёз камтар (32) дар ҷойи дуюм, "Хатлон" бо 31 имтиёз дар ҷойи сеюм

ФУТЗАЛ

ПИРӮЗӢ ВА ШИКАСТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РУСИЯ

Рӯзҳои 7 ва 8-уми ноябр дар Қасри теннис ва варзиши обии Душанбе вохӯриҳои дӯстонаи дастаҳои мунтахаби футзали Тоҷикистону Русия баргузор шуданд.

Бозии аввал бо бартарии дастаи Русия, ки дар мусобиқаҳои Аврупову ҷаҳон ҷойҳои намоёнро ишғол кардааст, оғоз шуда бошад ҳам, идомаи вохӯрӣ дар зери назорати шогирдони Пайрав Воҳидов буд.

Ҳамин буд, ки онҳо бо натиҷаи 10:7 пирӯз шуданд. Дар ин бозӣ Янар Асадов аз дастаи Русия 5 гол зад, Файзалӣ Сардоров аз дастаи Тоҷикистон 4 голро ба номи худаш навишт.

Шоми 8-уми ноябр бозии дуюми дастаҳои мунтахаби футзали Тоҷикистону Русия дар ҳамин толор баргузор шуд. Дастаи мунтахаби Русия тавонист қусури бохти рӯзи гузаштаро гирад. Бозӣ бо бартарии меҳмонон гузашт ва бо натиҷаи 2:6 бар нафъи онҳо ба охир расид.

РЕЗААХБОР

Дар охири моҳи гузашта дар шаҳри Намангони Ӯзбекистон мусобиқаи 3-юми байналмилалии таэквандо "Namangan Open" баргузор шуд, ки варзишгарон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Эрон, Покистон ва Ӯзбекистон ширкат карданд. Аз Тоҷикистон 37 варзишгар, 10 мураббӣ ва 4 довар сафарбар гардида, бо 13 медал (6 тилло, 4 нуқра, 3 биринҷӣ) ба ватан баргаштанд.

***

FIFA ва UEFA баргузории бозии дӯстона миёни дастаҳои мунтахаби Русия ва Тоҷикистонро тасдиқ карданд. Иҷозат барои бозӣ дода шудааст ва натиҷаи вохӯрӣ дар рейтинги FIFA ба инобат гирифта мешавад. Дар ин бозӣ 6 ивазкуниро дастаҳо метавонанд анҷом бидиҳанд. Бозӣ 17-уми ноябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

***

Муштзани тоҷик Шавкат Раҳимов дар шаҳри Абузабии АМА нахустин бор дар таърихи бокси ҳирфаии тоҷик чемпиони IBF шуд. Раҳимов тавонист, ки дар раунди 9-ум муштзани номдор ва пуртачрибаи британиёӣ Зелфа Барреттро мағлуб кунад ва унвони қаҳрамониро соҳиб шавад. Раҳимов дар ҳисоби хеш 17 муҳорибаи бидуни бохт дорад.



***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-14) таҳти роҳбарии сармураббӣ Далер Каёсов дар Чемпионтаи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), ки аз 11 то 18-уми ноябр дар шаҳри Ҳисор баргузор мешавад, ширкат мекунад. Дар чемпионати CAFA-2022 (U-14) дастаҳои Афғонистон, Эрон, Туркманистон ва Ӯзбекистон низ ширкат мекунанд. Дар маҷмуъ, даҳ бозӣ баргузор мешавад.

ШАКАРХАНД

Орзу

- Духтурҷон, роҳе ҳаст, то умрам дароз шавад?

- Зан гир!

- Зан гирам, умрам дароз мешавад?

- Не, дигар орзуи умри дароз намекунӣ!

Таксӣ

Марде таксӣ медорад:

- Акаи ронанда, то "Корвон" чанд пул мешавад?

- 100 сомонӣ.

- Сумкаҳоямро чанд пул мебаред?

- Сумкаҳоятонро бепул мебарам.

- Ин хел бошад, шумо сумкаҳоямро баред, ман худам бо автобус меравам.

Фоҷиа

Мактаббача, ки китоби "Ревизор"-и Гоголро бо шавқ мехонд, ногоҳ аз падари сармуҳосибаш мепурсад:

- Дадаҷон, ман нафаҳмидам, ҳамин «Ревизор» мазҳака аст ё фоҷиа?

- Писарам, агар ревизор одами худӣ бошад, мазҳака, агар бегона бошад, яқин фоҷиа аст.

Лифт

Нисфи шаб 3 марди маст дар роҳи оҳан мерафтанд. Яке аз онҳо мегӯяд:

- Ин зинапоя хеле баланд будааст-ку.

- Барои баромадан дастқапак ҳам надоштааст,- мегӯяд дигаре.

- Ҳеҷ гап не, ана лифт омада истодааст,- мегӯяд сеюмин.

Ҷанг

Шогирд:

- Муаллим, зиёиён хам ҷанг мекунанд?

Муаллим:

- Мутаассифона, ҳа!

Шогирд:

- Он ҷанг ба кадом моҳ рост меояд?

Муаллим:

- Ба моҳи августи фасли тобистон!

Шогирд:

- Агар махфӣ набошад, ин ҷанг чӣ ном дорад, устод?

Муаллим:

- Номаш «Таҳсимоти дарс» аст, шогирди азиз...

Андоз

Аз суҳбати зану шавҳар:

- Азизам, ман намефаҳмам, андози мустақим аз ғайримустақим чӣ фарқ дорад?

- Мустақимаш маълум ку!

- Чӣ хел маълум?

- Охир, ту, ки чанд пул будани моҳонаи маро аниқ медонӣ, маошамро танга ба танга ҳисоб карда мегирӣ. Ҳаминаш мустақим.

- Пас, ғайримустақимаш чӣ?

- Ғайримустақимаш, ҳамин ки маро хоб бурд, хеста кисаҳоямро боз як бори дигар мековӣ, ки мабодо ягон сомонии бачоӣ надошта бошам.


Рӯзи Худо

Марде шахси дурӯғгӯеро шарм дорданӣ шуда, аз ӯ пурсид:

- Бародар, ман медонам, ки ҳозир бе гапи дурӯғ зиндагӣ карда намешавад. Росташро гӯед, ки шумо кадом рӯзҳои ҳафта дурӯғ намегӯед?


- Мебахшед, ин хел рӯз нест. Тамоми рӯзҳои ҳафта рӯзи Худо, ба хафа кардани ягон рӯзи он дилам намешавад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



ТАҲИЯИ НАСИБА

-Акнун ҷиянҳоро ба кор гирифтан лозим...



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

НАРХИ ПАТЕНТ ЗИЁД МЕШАВАД?

Аз Соли Нав нияти сафар ба Русияро дорам. Бародарам мегӯяд, ки нархи патент барои муҳоҷирони корӣ дар Москва зиёд мешавад, вале дар ин бора ахбори муътамад наёфтам. Мехоҳам дар ин маврид равшанӣ андозед.

ШОҲРУХ,
шаҳри Душанбе

- Дар соли 2023 нархи патент (иҷозатномаи корӣ) барои муҳоҷироне, ки дар Москва кор мекунанд, то ба 6600 рубл меафзояд. Дар ин бора Даря Мурченко, муовини сардори Раёсати сиёсати иқтисодӣ ва рушди Маскав, сардори шуъбаи таҳлили андоз дар як нишасти Думаи шаҳри Маскав хабар додааст.

"Дар соли 2022 маоши расмии муҳоҷирони корӣ дар фаъолияти ҳамешагии онҳо 11,5% афзоиш ёфтааст. Дар робита ба ин, пешниҳод мешавад, ки арзиши патент мутаносибан дар як моҳ то 6600 рубл зиёд карда шавад",- шарҳ дод Мурченко.

Имсол нархи патент дар шаҳри Москва барои хориҷиён моҳона 5900 рубл арзиш дошт.

Гуфта мешавад, ки афзоиши арзиши патент ҳаҷми даромади пойтахти Федератсияи Русияро 3 миллиард рубл зиёд мекунад. Маблағи патент пурра ба буҷаи Москва меравад.

Қаблан мақомоти чанд минтақаи дигари Русия аз болоравии нархи патент дар соли 2023 хабар дода буданд. Масалан, дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград арзиши он аз 4200 то 4400 рубл дар як моҳ афзоиш хоҳад ёфт. Хориҷиёне, ки дар вилояти Самара кор мекунанд, бояд аз соли оянда 5720 рубл падохт кунанд, дар ҳоле, ки арзиши он ҳоло 4419 рубл аст.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/х 20202972400015101000
х/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.